ХИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН · НАРОДНАЯ ДЕМОКРАТИЧЕСКАЯ ПАРТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

*Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!*

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.tribun.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

11 феврали соли 2015, чоршанбе, №7 (986)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

# ИНТИХОБИ МО ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

**Ба мо на аз рӯи ваъдаҳо, балки аз рӯи корҳоямон баҳо гузоред**

**Барои кишвари тозаистиқлоламон давраи нав фаро мерасад. Он дар ҳаёти ҳар яки мову шумо, ҳам дар ҳаёти ҷомеа марҳилаи нав мекушояд. Баъди чанди дигар, рӯзи 1 марти соли равон мо ба назди қуттиҳои овоздиҳӣ омада, вакилони худро ба яке аз муҳимтарин пояҳои ҳокимияти давлатиамон, ба мақоми олии қонунгузори мамлакат Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳою шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот барои панҷ соли оянда интихоб мекунем.**



*саҳ. 3*

## Изҳороти

**МАРКАЗИ РОБИТАҲОИ ҶАМЪИЯТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**



**9-уми феврали соли равон дар ҷараёни пешбурди фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар манзили истиқоматии шаҳрванд Сардоров Латиф, соли таваллудаш 1955, зода ва истиқоматкунандаи деҳаи Чуқураки Болои ҷамоати Навободи ноҳияи Ҳисор 2 адад таппончаи тамғаи Макаров, 4 тирдон, 51 дона тир, 1 адад запали (оташгирони) таркандаи норинҷаки дастиро дарёфт ва мусодира намуданд.**

*саҳ. 8*

Авзои ҷаҳон

### КАБӮТАРОНИ СУЛҲ АЗ АВРУПО



*саҳ. 9*

Раҳовард

### МУШТОҚИ ДИДОРЕМ, АЙ ҲАМВАТАН!



*саҳ. 10*

Ҷашмандоз

### ДОРУ БАРОИ ТАБОБАТ Ё ТИҶОРАТ?



*саҳ. 11*

Мушкилоти рӯз

### МАРГТАЛАБИЮ ХУДКУШӢ ГУНОҲ АСТ



*саҳ. 12*

# ҶАЛАСАИ ШӮРОИ МИЛЛИИ РУШДИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дирӯз бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҷаласаи навбатии Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**



Дар ҷаласаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои шӯрои мазкур, намояндагони Шӯрои ҳамоҳангсози шарикони рушд, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ ва намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ ва байналмилалӣ ширкат намуданд.

Дар нишасти мазкур раванди татбиқи афзалиятҳои миллӣ ва ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015, инчунин роҳҳои таъмини рушди босуботи ояндa баррасӣ шуд.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сухани ифтитоҳӣ, аз ҷумла изҳор дошт: "Натиҷагирии фосилавии Стратегияи миллии рушд нишон медиҳад, ки тадбирҳои роҳандозишуда Тоҷикистонро барои расидан ба ҳадафҳои миллӣ ва стратегӣ торафт наздик менамояд.

Зикр гардид, ки дар давоми ҳашт соли охир тамоюли мусбии рушд нигоҳ дошта шуда, афзоиши миёнасолонаи маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ то ба 7 фоиз расид ва сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз 53 фоизи соли 2007 то ба 32 фоиз дар соли 2014 коҳиш дода шуд.

Дар ҷаласа миёни намояндагони Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аъзои Шӯрои ҳамоҳангсозии шарикони рушд табодули афкор сурат гирифт.

Аз ҷониби шарикони рушд нахуст муовини роҳбари Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ Кёши Кодера, Директори иҷроияи Бонки ҷаҳонӣ Йорг Фриден ва Намояндаи доимии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид, ҳамоҳангсози фаъолияти ин созмон дар Тоҷикистон Александр Зуев изҳори андеша карданд.

Шарикони рушд пешравиҳои назаррасро дар фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар роҳи ба эътидол овардани вазъи макроиқтисодӣ ва таъмини рушд эътироф намуда, ба он баҳои мусбӣ доданд ва қайд намуданд, ки ҳамкории судбахш бо шарикони рушд барои тақвияти ин раванд идома меёбад.

Директори иҷроияи Бонки ҷаҳонӣ Йорг Фриден, аз ҷумла изҳор дошт, ки ба Тоҷикистон барои ҷалби сармояи хориҷӣ ва таъмини рушди босуботи оянда дар баробари рушди институтсионалӣ расидан ба истиқлоли энергетикӣ басо муҳим аст.

Рафти иҷро ва натиҷаҳои фосилавии Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои давраи то соли 2015 аз ҷониби ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иқтисодӣ Фаррух Ҳамрализода ва Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 аз ҷониби вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода муаррифӣ карда шуд.

Доир ба татбиқи ташаббусҳои шарикони рушд барои амалӣ намудани Стратегияи баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 раиси Шӯрои ҳамоҳангсози шарикони рушд Си Си Ю ва дигар аъзои шӯро, аз ҷумла роҳбари бахши Бонки ҷаҳонӣ оид ба Тоҷикистон Патрисия Виверс-Картер, Сафири фавқулодда ва мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон Сюзан Эллиот, муовини директори намояндагии Барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид дар Тоҷикистон Алиона Никулита, директори намояндагии Бонки рушди Олмон Кристин Лаабс, Намояндаи собиқи Бонки осиёии рушд дар Тоҷикистон, мушовири шуъба оид ба масъалаҳои Осиёи Марказӣ ва Ғарбии ин бонк Ҷоҷи Токеши ва Сафири фавқулодда ва мухтори Ҷумҳурии Мардумии Чин дар Тоҷикистон Фан Сиянжу изҳори андеша карданд.

Аз ҷумла зикр гардид, ки дастгириҳои шарикони рушд асосан дар доираи 6 афзалият сурат мегирад ва барои татбиқи ҳадафҳои афзалиятнок аз ҷониби шарикони рушд беш аз 2 миллиард доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ ба Тоҷикистон ҷалб карда шудааст.

Шарикони рушд ҳамчунин изҳор доштанд, ки онҳо барои коҳиш додани таъсири омилҳои бӯҳронии беруна, аз ҷумла таъсири мушкилоти иқтисодии Федератсияи Русия ба Ҳукумат ва мардуми Тоҷикистон дасти кӯмак дароз менамоянд.

Сафири фавқулодда ва мухтори Иёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон ҳамчунин изҳор дошт, ки ба андешаи ӯ "беҳтарин ҳамкории ҳукумат бо шарикони хориҷии рушд дар Тоҷикистон ба назар мерасад".

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон зимни сухани ҷамъбастӣ ба саҳми шарикони рушд дар тараққиёти иқтисоди миллӣ баҳои баланд дода, идомаи ҳамкории пурсамари онҳоро бо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим номид.

Ба масъалаи таҳияи стратегияи навбатии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд зоҳир карда шуд. Тавре зикр гардид, санади рушди оянда бояд ҳамаи хатару таҳдидҳои глобалӣ ва минтақавии иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию тиҷоратии ҳаёти муосир ва роҳҳои коҳиш додани таъсири манфии онҳоро дар назар дошта бошад.

Таъкид гардид, ки ҳамкории Тоҷикистон бо шарикони рушд ба идомаи босамари сиёсати ислоҳоти иқтисодӣ ва комёб шудан ба афзалиятҳои миллӣ, ҳадафҳои стратегӣ ва таъмини беҳдошти сатҳи зиндагии мардуми кишвар бояд мусоидати фаъол намояд.



# МУЛОҚОТ БО КИЁШИ КОДЕРО

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи навбатии Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муовини роҳбари Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ Киёши Кодероро ба ҳузур пазируфт.

Дар мулоқот масоили вобаста ба рушди ҳамкории дуҷониба ва байналмилалии Тоҷикистону Япония баррасӣ шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба Ҳукумати Япония ва Агентии ин кишвар оид ба рушди байналмилалӣ барои кӯмаку дастгирии пайваста аз пешрафту тараққиёти Тоҷикистон арзи сипос кард ва изҳори боварӣ намуд, ки доираи ҳамкории ду кишвар дар оянда боз ҳам густариш хоҳад ёфт.

Зикр гардид, ки дар тӯли солҳои ҳамкорӣ бо Япония ба Тоҷикистон бештар аз 300 миллион доллари амрикоӣ грант ва 60 миллион доллари амрикоӣ кӯмаки техникӣ пешниҳод шудааст, ки барои татбиқи лоиҳаҳои муҳими сармоягузорӣ дар бахшҳои мухталифи иқтисод, инчунин ба ташаккули иқтидор ва рушди институтсионалӣ равона карда шудаанд. Ҳоло чандин лоиҳаҳо дар бахшҳои иҷтимоӣ, энергетика, нақлиёт, кишоварзӣ ва рушди ноҳияҳои дурдаст, аз ҷумла бо оби нӯшокӣ таъмин намудани аҳолӣ, амалӣ мешаванд.

Соли гузашта ду лоиҳаи нав оид ба обтаъминкунии аҳолии ноҳияи Панҷи вилояти Хатлон ва барои беҳтар намудани фурудгоҳи байналмилалии Душанбе ба имзо расид.

Тавассути ҳамкории босамар дар соҳаи маориф аз соли 1993 то ба имрӯз беш аз 1800 намояндаи Тоҷикистон бо курсҳои гуногуни омӯзишӣ дар Япония фаро гирифта шудаанд.

Киёши Кодеро таъкид дошт, ки Агентии Япония оид ба рушди байналмилалӣ оянда ҳамкорӣ бо Тоҷикистонро беш аз пеш рушду густариш медиҳад, ба хусус барои коҳиш додани таъсири манфии омилҳои беруна, аз ҷумла таъсири мушкилоти иқтисодии баъзе давлатҳо, ки шарикони муҳими иқтисодию тиҷоратии Тоҷикистон ба шумор меравaнд.

**Нимаи дуюми рӯзи 10 феврал Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Қирғизистон Эрлан Абдилдаевро, ки бо сафари расмӣ ба Тоҷикистон омадааст, ба ҳузур пазируфт.**

# МУНОСИБАТҲО БОЯД СУДМАНД БОШАНД

Дар мулоқот масоили ҳамкории гуногунҷанбаи ду кишвари ҳамсоя, аз ҷумла дар соҳаҳои сиёсат, амнияти минтақавӣ, иқтисод ва тиҷорат ва илму фарҳанг баррасӣ шуд. Ба масоили вобаста ба муайянсозӣ ва аломатгузории хатти сарҳади миёни Тоҷикистону Қирғизистон дар қитъаҳои баҳснок таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид. Дар ин робита атрофи лоиҳаи созишномаи дуҷониба доир ба таҳкими чораҳои боварӣ дар сарҳади миёни ду кишвар мубодилаи судманди афкор сурат гирифт.

Ҳар ду ҷониб ҳавасмандии худро ба идомаи ҳамкорӣ дар ин самт ва пешгирӣ аз ҳар гуна амалҳои иғвоангез таъйид намуданд.

Таъкид гардид, ки шарикии боэътимоди Тоҷикистону Қирғизистон доир ба ҳалли мушкилоти гуногуни минтақавӣ, аз ҷумла доир ба истифодаи босамар аз захираҳои обию энергетикӣ, нақлиётию транзитӣ ва иқтисодию тиҷоратӣ, ба нафъи ду мардуми дӯсту ҳамсоя бояд идома ёбад ва ҳамсоягии накӯи мо қавию бардавом бошад.

Минбари халқ
11 феврали соли 2015,
№7 (986)



# ИНТИХОБИ МО ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

## Ба мо на аз рӯи ваъдаҳо, балки аз рӯи корҳоямон баҳо гузоред



С. ФАТТОҲЗОДА,
муовини якуми Раиси ҲХДТ

**Барои кишвари тозаистиқлоламон давраи нав фаро мерасад. Он дар ҳаёти ҳар яки мову шумо, ҳам дар ҳаёти ҷомеа марҳилаи нав мекушояд. Баъди чанди дигар, рӯзи 1 марти соли равон мо ба назди қуттиҳои овоздиҳӣ омада, вакилони худро ба яке аз муҳимтарин пояҳои ҳокимияти давлатиамон, ба мақоми олии қонунгузори мамлакат Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи вилоятҳою шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот барои панҷ соли оянда интихоб мекунем.**

Ин чӣ маънӣ дорад? Оё ҳамагон ба хубӣ сарфаҳм меравем, ки иштироки мо дар интихобот, дидаю санҷида ва бо риояи инсофу адолат, воқеъбинона овоз доданамон барои ин ё он номзад, барои намояндаи ин ё он ҳизб, қуввваи сиёсӣ чӣ иқдоми муҳим ва масъулонаест?

Шаҳрвандони азизи кишвар медонанд, инро мо дар рӯзгори ҳамарӯзаи хеш даҳҳо бор шоҳид будаем, ки давлатдории навини мо бар пояи қонун устувор аст, тамоми ҷомеа пойбанди қонун аст. Муносибатҳои гуногунпаҳлуи давлат, фард ва ҷомеа тавассути қонун танзим гардида,иҷрои он, муқаддам гузоштани он барои ҳамагон, аз хурд то бузург ҳатмист. Қонун рушди моро таъмин месозад,ояндаи моро рӯшан мекунад. Волоияти қонун яке аз бахшҳои умда ва ба чашм намоёни низоми демократӣ дар кишварамон аст.

Мо ин роҳро ҳанӯз аз қадамҳои нахустини ба истиқлолияти давлатӣ расидан, бо қабули Сарқонунамон, ки воқеан он ҳам бо раъйдиҳии ҳамаи мову шумо сурат гирифт, интихоб карда будему имрӯз бо ҳидоятҳои хирадмандонаи Сарвари муаззами кишварамон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти номбурда собитқадамона пеш рафта, онро зина ба зина таҳкиму тақвият дода истодаем. Сарқонун Тоҷикистонро давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муқаррар кардааст.

Дар таърихи башарият он имрӯз беҳтарин роҳи таъмини ҳокимияти мардумӣ мебошад. Ҷаҳон ягон амсилаи дигари давлатдориро намедонад, ки дар он ҳуқуқу озодиҳои инсон беҳтар аз роҳи номбурда таъмин мешуда бошанд.

Ба ҷуз ин аз муҳимтарин нишонаҳои табиати демократӣ доштани давлатдории мо, ки тавассути Сарқонунамон муқаррар шудааст, таҷзия ё тақсими қудрати давлатӣ бо ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ мебошад. Ба ин васила тавозун дар идораи давлат таъмин мегардад.

Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҳамон се шохаи ҳокимият аст, ки салоҳияти қонунгузориро ба зимма дорад. Қонун бошад, тавре гуфтем, усул, тартиби зиндагии мову шумо, имрӯзуояндаи мову шумо, муносибатҳои мо бо давлату ҷомеа мебошад. Қонунҳо тавассути намояндагони мардумӣ пешниҳоду таҳия ва баррасиву қабул шуданашон баъдан ба туфайли иҷрои ҳамагониашон ба истиқрори адолати иҷтимоӣ замина фароҳам меоваранд.

Ҳамин тариқ, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияту масъулияти бузургеро бар дӯш дорад. Ҳамаи он дастоварду пешравиҳое, ки то имрӯз, давоми солҳои истиқлолияти давлатӣ дар ҳаёти мо воқеъ шудаанд, рафъи ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарории сулҳу субот, ваҳдати миллӣ, таҳкими қонуният, рушди устувори иқтисодию иҷтимоии кишвар, пайваста боло рафтани сатҳи зиндагии мардумамон аз бисёр ҷиҳат натиҷаи фаъолияти огоҳона ва пурсамари ин мақоми олии намояндагиамон мебошад.

Оё мо мехоҳем, ки ин дигаргуниҳо идома пайдо бикунанд? Оё мехоҳем он корҳои бузурге, ки то имрӯз огоз шудаву ҳоло давом доранд, муваффақона ба итмом бирасанду зиндагии шоиставу осудаҳолонаи мову насли баъдиамон таъмин бишавад? Пас хеле муҳим аст, ки ин бор ҳам, вақте назди қуттиҳои овоздиҳӣ меравем, мисли ҳамеша ба парламентамон беҳтарин намояндагони хеш, афроди ватандӯсту ватанпараст, донишманду босалоҳият, дорои мавқеи фаъоли шаҳрвандӣ, соҳибнуфуз ва бо симои неку писандидаи маънавию ахлоқиро пешбарӣ ва интихоб кунем.

Сифатҳои мазкур на фақат ба намояндагони мо дар мақоми олии қонунгузорамон муҳим ҳастанд, балки дар интихоби вакилон ба маҷлисҳои вакилони халқи вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, ба мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳот низ мо бояд сифатҳои мазкурро дар симои ин ё он номзад шарти муҳимтарини аз ӯ ҷонибдорӣ кардан ё накардан, ба тарафдориаш овоз додан ё надодани хеш қарор бидиҳем. Чунки маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ҳам зинаҳои муҳими ҳокимияти давлатианд. Онҳо мақомотеанд, ки бо мардум аз ҳама зичтар робита доранд.

Татбиқи амалии қонунҳои қабулшуда, барномаҳои пешрафт, дигар иқдомҳои муҳими давлат маҳз ба уҳдаи онҳост. Аз ин рӯ, бурду бохти ҳамаи ибтикороти пешгирифтаи давлатро ҳам дар ниҳояти кор онҳо муайян мекунанд. Агар ҳисси баланди масъулиятшиносӣ, заковату ҷаҳонбинии васеъ набошад, бе одобу рафтори нек ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ иҷрои ин рисолати бузург аз ҷониби ҳайатҳои намояндагию иҷроияи мақомоти маҳаллии мо душвор хоҳад буд.

### ҲХДТ - ҲИЗБИ МАРДУМӢ

Баъзан дар васоити ахбори оммаи ҷумҳурӣ ва хориҷи кишвар Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ҳизби ҳоким ё худ ҳизби аксарияти парлумонӣ ном мебаранд. Табиист, ки мардум нисбати ташкилоти сиёсии дар ҷомеа нуфуз пайдокарда ва татбиқкунандаи ормонҳояшонро ҳамин гуна муносибат ва муомила мекунанд. Ҳизби мо дар давоми 20 соли гузашта аз имтиҳонҳои зиёде гузашта, обрӯ ва манзалаташро дар миёни қишрҳои мухталифи ҷомеа таҳким бахшидааст. Ҳамин аст, ки дар маъракаҳои сиёсӣ ва сабқатҳои интихоботӣ пайваста ба пирӯзӣ мерасад.

Ташкилотҳои ҳизби мо пайваста дар ҷараёни ҳаллу фасли мушкилоту проблемаҳои мардум мебошанд. Одамон бо эътимоду боварӣ ҷиҳати баррасии масъалаҳои рӯзмарра ба қабулгоҳҳои ҷамъиятии ҳизб муроҷиат мекунанд. Ягон таклифу дархост ва арзу пешниҳодоти онҳо бенатиҷа ва эътибор намемонад. Ҳамин аст, ки ба он аъзо мешаванд ва тақдирашонро ба он мепайванданд. Бинобар ин ҳизби моро на ҳизби ҳоким ё ҳукмрон, балки ҳизби хизматгори халқ гуфтан беҳтару хубтар аст. Зеро ки мо мудом бо халқ ва дар хизмати халқ ҳастем.

Дар айни замон ақидае роиҷ ҳаст, ки гӯё мо Истиқлолияти давлатиро ба осонӣ ба даст овардем. Дар нигоҳи аввал шартан ин дуруст менамояд. Аммо баъди барҳам хӯрдани давлати абарқудрати шӯравӣ мо шоҳид будем, ки чӣ гуна ба муқовиматҳои сиёсию иҷтимоӣ рӯ ба рӯ гаштем. Ҷанги хамватанӣ ҳазорон нафарро қурбону фирорӣ ва хонахароб намуд. Ба иқтисоди мамлакат миллиардҳо доллар зиён ворид кард. Хисороти маънавии он низ беандоза буд. Барои чӣ мо ба чунин ҳол гирифтор шудем? Фикр мекунам мансабталошию манфиатхоҳии баъзе гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида омили бесарусомониҳо гардид.

Сабаби дигар, фаъол гаштани исломи сиёсӣ буд, ки бо идеологияи коммунистӣ ихтилофоти зиёде дошт. Ҳарчанд ки низоми коммунистӣ барои ҷомеа паҳлуҳои хуб ҳам дошту зарарнок ҳам. Бинобар ин муқовимати онҳо авзои сиёсию иҷтимоии ҷумҳуриро муташанниҷ гардонд. Гузашта аз ин аён буд, ки дар пушти муътақидони исломи сиёсӣ баъзе доираҳои ғаразҷӯи хориҷӣ қарор доштанд ва мехостанд дар Тоҷикистон давлати исломӣ бунёд намоянд. Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурии нав ба истиқлолият соҳибгаштаи мо як фазои ноороми сиёсию иҷтимоӣ ба вуҷуд омад, ки оқибатҳои ногувори онро дар солҳои минбаъда дидем.

### ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ҲИЗБИ СИЁСӢ

Агар ба воқеияти инкишофи ҳодисаҳои Тоҷикистони солҳои 90-уми асри гузашта аз диди имрӯз назар кунем, мебинем, ки дар ҷумҳурии мо аввал Роҳбару пешвои халқ интихоб шуда, ҳукуматро ташкил кард ва сипас ҳизби сиёсии худро таъсис дод. Яъне Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи ҳукумат аст. Агар дигар ҳизбҳо барои соҳиби қудрат шудан ташкил шуда бошанд, пас ҳизби мо аллакай соҳиби ҳукумат шуда буд. Аз ҷониби дигар дар ҳамон шароит ташкил намудани ҳизби сиёсӣ кори осон набуд. Зеро ки аҳзоби мавҷуда бо мусаллаҳ шудану талоши ҳукумат кардан обрӯи худро дар ҷомеа резонда буданд. Бинобар ин ташкил намудани ҳизб кори осон набуд.

Муваффақият, дастовард ё худ маҳбубияту бурди Сарвари давлати мо муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар он буд, ки ӯ ҷумҳуриро аз нав сохт. Нахуст мардуми фирориро баргардонд, бо мухолифон Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро ба имзо расонд, иқтисодро аз бӯҳрон наҷот дода, корҳои созандагию бунёдкориро вусъат бахшид. Яъне тақдири Президент ва мамлакат ба ҳам тавъам омад. Ин ду мафҳум як маъниро гирифтанд. Барои ҳамин ҳам таҳлилгарон иқдомҳои бузурги муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бо Шарл де Голи фаронсавӣ, Камол Отатурк, Конфутсийи хитоӣ ва дигар пешвоёни халқу миллатҳои ҷаҳон монанд мекунанд.

Масъалаи дигар ин татбиқи меъёрҳои демократӣ дар ҷумҳурии тозаистиқлоламон мебошад, ки ин масъулият пеш аз ҳама бар дӯши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вогузор мебошад. Ё ҳадди ақкал ҳизби мо ин рисолатро ба зиммаи хеш мегирад.

Мафҳуми демократия ва бунёди давлати демократӣ барои мо вожаҳои нав мебошанд. Президенти кишвар дар ин бора борҳо таъкид намудаанд, ки мо бояд қолаби демократии кишварҳои пешрафтаро айнан нусхабардорӣ накунем, балки бояд дар Тоҷикистон демократияе созем, ки дар пояи арзишу унсурҳои миллӣ ва фарҳанги сиёсии худамон устувор гашта бошад. Танҳо дар ҳамон сурат мо ба ҷонибдории оммаи васеи мардум, пешрафту шукуфоӣ ва зиндагии шоистаи сокинон ноил мегардем.

Асоси интихоби давлати демократии моро интихоботи озодонаи мардум ва ифодаи соҳибихтиёрии иродаи халқ ташкил медиҳад.

Хушбахтона, имрӯз мову шумо барои озодона раъй додан ва мусоидат кардан ба пешбарии ашхоси варзидаи ҷомеаамон ба мақомоти марказӣ ва маҳаллии намояндагӣ тамоми шароитҳоро дорем. Қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Дар бораи интихоботи вакилон ба маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи худидоракунии маҳаллии шаҳраку деҳот" барои баргузории як интихоботи озод ва шаффофу демократӣ фазои созгори ҳуқуқиро фароҳам овардаанд.

Тағйиру иловаҳои солҳои охир ба қонунгузории марбути интихобот бошанд, имкониятҳои ширкати аҳзоби сиёсӣ ва ҷомеаи шаҳрвандии кишварро дар ин маъракаи муҳим ва ҳамчунин, зимни баҳисобгирии овозҳои интихобкунандагон боз ҳам васеътар сохтанд.

саҳ. 4

# ИНТИХОБИ МО ЧӢ МАЪНО ДОРАД?

## Ба мо на аз рӯи ваъдаҳо, балки аз рӯи корҳоямон баҳо гузоред



саҳ. 3

Ҳамаи ҳизбҳои сиёсии мо ҷиҳати ширкат дар интихобот, таблиғи ҳадафҳои усулӣ ва барномаҳои пешазинтихоботии хеш, муаррифии номзадҳои пешбарикардаашон ба вакилӣ аз шароиту имкониятҳои баробар истифода мекунанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки ҳоло дар Маҷлиси намояндагонамон аз ҷумлаи ҳашт ҳизби сиёсии дар кишвар расман сабтиномшуда панҷ ҳизб вакил доранд. Иштироки умумии интихобкунандагон дар овоздиҳӣ бошад, соли 2010, ҳангоми охирин интихобот ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ 90, 3 дарсадро ташкил дода буд. Ин шаҳодати он аст, ки мардумамон ба интихобот эътиқоду эътимоди хеле зиёд доранд ва умеду орзуҳои хешро ба натиҷаҳои он марбут сохтаанд. Сазовори ин бовар кору амал кардан масъулияти бузургест.

Мо аз он ифтихор дорем, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикисон, чун нерӯи тавонои сиёсии кишвар, дар эҷоди фазои бовару эътимоди зикршуда миёни давлату ҷомеа, ба вуҷуд овардани муҳити рақобати солиму созандаи миёниаҳзоб давоми солҳои истиқлолият нақши бузургеро ба ҷо овардааст.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зодаи даврони истиқлолияти кишвар мебошад. Ақидаи таъсиси ин гуна ҳизб нахустин маротиба аз ҷониби Сарвари давлатамон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба миён омад ва таҳти роҳбарии Ҷаноби Олӣ соли 1994 омодагиҳо ба бунёди ҳизб шуруъ шуда буданд. Вай аъзои худро дар заминаи ҳадафу мақсадҳое муттаҳид гардондааст, ки ҳоло зербинои пешрафтро дар мамолики мутамаддини ҷаҳон ташаккул додаанд. Онҳо барои мардуми мо бегона нестанд, наздику фаҳмоянд, ки қисман аллакай ба воқеияти имрӯзи Тоҷикистон табдил ёфтаву қисми дигарашон марҳалаи иҷрову такмилу тақвиятро сипарӣ мекунанд: тақсими давлатдорӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ, интихоботи шаффофу демократӣ ва беғаразона, гуногунӣ ва озодии афкори сиёсӣ, бисёрҳизбият, волоияти қонун, озодии баён ва матбуоти озод, озодӣ дар диндорӣ.

Озодиҳои иқтисодӣ, аз қабили имкони мавҷудияти шаклҳои гуногуни моликият ва рақобати озоди онҳо, рушди иқтисоди бозорӣ ва соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурду миёна ва дигар тадбирҳое, ки дахолати давлатро ба ҳаёти рӯзмарраи шаҳрвандон, ба фаъолияти иқтисодии онҳо хеле коҳиш дода, заминаро барои рушди босубот фароҳам меоваранд. Мақсади ниҳоии мо бунёди ҷомеаи шаҳрвандиест, ки дар асоси худидоракунӣ ва иқдомҳои инфиродии шаҳрвандон пеш хоҳад рафт.

Ин ҳама ҳадафу мақсадҳои мушаххас, ки аз умқи ҷомеаи Тоҷикистон реша гирифта, хостаҳои дили аксари мардуми кишварро ифода мекунанд, дар барномаи ҳизби мо ҷой гирифта, миёни аксари шаҳрвандон ҷонибдории дилгармона пайдо намуданд. Мақсаду маром ва ҳадафҳое, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пеши худ қарор дода барои амалӣ гардонидани онҳо талош мекунад, бо дарназардошти манфиатҳои кулли ҷомеаи кишвар, ҳамаи қишрҳои гуногунранги мардум ба миён омадаанд. Онҳо нуқтаи эътидол ва муросову мадороанд, ки ваҳдату ягонагиро дар ҷомеа таъмин гардонда, кишварро ба сӯи пешрафт ва рифоҳу хушбахтӣ равона месозанд.

Сабаби маҳбубияти ҳизби мо низ миёни мардум дар ҳамин аст. Ҳамин аст, ки сафҳои он аз ҳисоби наслҳои нав ба нави ҷавонон афзун мешавад. Ҳамин аст, ки дар ҳар даври интихобот аксари кулли шаҳрвандон ба ҷонибдорӣ аз сиёсати он ва барномаи пешазинтихоботию номзадҳои он ба президентию вакилии зинаҳои гуногун овоз медиҳанд.

Ҳизби мо имрӯз бо 250 ҳазор нафар аъзою 4 ҳазор ташкилоти ибтидоӣ мерасад ва аз бузургтарин, муассиртарин ва писандидатарин нерӯҳои сиёсии кишвар аст. Он дар тамоми қаламрави мамлакат, то дурдасттарин маҳалҳои маскунӣ фаъолият дорад. Ба ҷуз ин, мо садҳо ҳазор, балки миллионҳо нафар ҷонибдорон дорем, ки гарчанд аъзои мо нестанд, вале мақсаду маромамонро дар роҳи бунёди Тоҷикистони пешрафта ҳамеша дастгирӣ мекунанд ва барои амалӣ шуданашон талош меварзанд.

Тамоми давраи фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳайати мақомоти намояндагию иҷроияи кишвар гувоҳ аст, ки ҳизби мо ҳамеша пойбанди ҳадафҳои барномавии хеш барои бунёди фазои озоди сиёсӣ ва ба вуҷуд овардани рақобати солиму созандаи миёни аҳзоб ба хотири пешрафтҳои бештари Тоҷикистони азиз будааст.

Натиҷаи ҳамин аст, ки имрӯз қонунҳои кишвар барои фаъолияти озодонаи ҳизбҳо заминаи мусоид фароҳам овардаанд ва онҳо барои касби нуфуз дар ҷомеа, барои дастёбӣ ба овозҳои бештари шаҳрвандон ҳангоми интихобот ягон монеае надоранд. Гузашта аз ин давраҳои охир мо ба сӯи ҳарифони сиёсиамон қадами боз ҳам фарохтар гузоштем. Бо иқдоми Раиси муаззами ҳизби мо, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар давраи гузашта на фақат Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, балки пешниҳодҳои барномавии аҳзоби дигар низ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, ба сифати нақшаи фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҷумлаи ҳадафҳои умумимиллӣ пазируфта шудаанд.

Имрӯз, дар пешорӯи интихоботи навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон садоқати худро ба ҳадафҳои усулии хеш, интихоботи шаффофу демократӣ, рақобати солиму созанда ва ҳамкорӣ бо тамоми аҳзоб дар роҳи бунёди Тоҷикистони навин боз як бори дигар таъкид мекунад.

Ин даъвати мо аз тамоми аъзои ҳизбамон, ҷонибдоронамон ва мардуми шарифи Тоҷикистон мебошад, ки рӯзи 13-уми декабри соли гузашта, ҳангоми суханронии Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз сари нав садо дод. Роҳбари муаззами мо назди созмонҳои ҳизбӣ вазифа гузоштанд, ки минбаъд низ зиёдаравӣ накарда, усулҳои наву муосири рақобати солим ва муборизаро дар маъракаҳои сиёсӣ аз кишварҳои пешрафта омӯзанд. Зеро бурду бохти ҳар як ҳизби сиёсӣ дар интихоботи оянда аз он вобаста аст, ки имрӯз дар хаёти сиёсиву ҷамъиятӣ чӣ мақому мавқеъ дорад ва мардум ба ҳадафҳои сиёсӣ ва барномаҳои пешазинтихоботии вай то чӣ андоза таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд.

Ҷаноби Олӣ, ҳамчун Роҳбари давлат, таъкидан гуфтанд, ки дар раванди маъракаҳои пешазинтихоботӣ ба ягон ҳизб, аз ҷумла Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон берун аз муқаррароти қонун имтиёзе дода намешавад. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҷомеа мақоми устувор дорад ва он бояд таҳким бахшида шавад, ки имкониятҳои онро дар интихобот бештар месозад. Ҳизб фақат ба нерӯ ва имкониятҳои воқеии худ такя карда, бояд зимни рақобат, аз доираи қонун берун набарояд, дар баргузории интихоботи озоду шаффоф барои дигар ҳизбҳо намунаи ибрат бошад. Фаъолияти таблиғотӣ чунон ба роҳ монда шавад, ки он мактаби тақвияти фарҳанги сиёсии мардум, таҳкими ваҳдати миллӣ ва сарҷамъии ҷомеа гардад.

Ҳамин тавр, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар даври навбатӣ ҳам бо дасту дили пок, бо таҳкурсии қавии ғоявию сиёсӣ, бо таҳкими ҳарчи бештари қатори аъзову ҷонибдоронаш дар атрофи ҳадафҳои созандаи хеш вориди рақобатҳои интихоботӣ шудааст ва омода аст, ки ҷиҳати дар доираи қонун, озод ва ошкору демократӣ баргузор сохтани ин маъракаи муҳиму сарнавиштсоз бо ҳамаи нерӯҳои сиёсӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандии кишвар ҳамкорӣ дошта бошад.

Мо аз корҳои то имрӯз, давоми панҷ соли охир анҷомдодаи хеш розиву қаноатмандем ва метавонем перомуни онҳо ба мардумамон бо сари баланд ҳисобот диҳем. Вале дар айни замон нуқсонҳою мушкилоти мавҷуда низ аз чашмамон пинҳон нест, ки рафъи онҳо ва таҳкиму тақвияти минбаъдаи дастовардҳои кишвар дар барномаи навбатии пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барои панҷ соли оянда инъикос шудаанд.

Мо ба касе ваъдаҳои хушку холӣ доданӣ нестем, касеро ташвиқ карданӣ ҳам нестем, ки кӯркӯрона аз паи мо рафта, ба тарафдориамон овоз бидиҳанд. Ташвиқи мо иқдомҳои мушаххаси мо давоми ду даҳсолаи охиранд, ки Тоҷикистони азизамонро тавассути таъмини суботи сиёсию иқтисодӣ ба як кишвари рӯ ба пешрафт табдил сохтаанд. Ташвиқи мо барномаи навбатии пешазинтихоботиамон аст, ки бо нақшаву ниятҳои мушаххас барои оянда, рушди устувори мавҷуда дар мамлакат бебозгашт ва зиндагии мардумамонро фаровонтару осудатар мегардонанд.

### ПАНҶ СОЛЕ, КИ ОРМОНҲОИ МИЛЛИРО НАЗДИКТАР СОХТАНД

Панҷ соле, ки мегузарад, мо чун давраҳои қаблӣ амонатдори мардуми Тоҷикистон будем. Кӯшиш кардем ин амонати бузургро, ки қудрати давлатӣ ном дорад ва интихобкунандаҳои азиз онро такроран ба дасти мо супурда буданд, дар ҳамкорӣ бо иддаи зиёди ҳамсафонамон, ашхоси дигари дилсӯзи Ватану ҷомеа, чун амонатдорҳои воқеӣ, бо эҳтиёти тамом нигоҳ бидорем, онро ҳар қадаре метавонем, ҳифз бикунем, рушду камол, такмилу тақвияташ бубахшем.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон то чӣ ҳад ба иҷрои ин вазифаҳои бузург муваффақ шуда, нақшаву ниятҳояшро, ки дар интихобот якдилона ҷонибдориаш карда буданд, ба ҷо овардааст? Биёед, натиҷаҳои ин давраро иҷмолан, бо як нигоҳи сатҳӣ ёдоварӣ кунем.

Солҳои 2010-2015 дар ҳаёти малакат давраи минбаъдаи таҳкими истиқлолияти давлатӣ, рушди демократия, тақвият ёфтани сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ гардид. Омодагиҳою баргузории ҷашнҳои бузурги 20-солагии Истиқлолияти давлатӣ, 20-солагии Иҷлосияи таърихии 15-уми Шӯрои Олӣ, 20-солагии Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20-солагии таъсиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба муттаҳидии ҷомеа дар атрофи ҳадафҳои умумимиллӣ ва баҳри пешрафту шукуфоии Ватани азизамон такони ҷиддие бахшиданд.

Соли 2013 шаҳрвандони мамлакат дар ҷараёни интихоботи озод ва шаффофу демократӣ Раиси муаззами мо, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро аз нав ба мақоми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пазируфтанд. Ин чунин маъно дорад, ки ормонҳои олӣ ва роҳи пешгирифтаи ҳизби

мо, Роҳбари муаззами мо чун пешина ҷавобгӯи орзую омол ва хостаҳои дили аксари кулли мардуми кишварамон мебошанд. Соли 2010 мувофиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи худидоракунии маҳаллии шаҳраку деҳот" аввалин маротиба ба ҷамоатҳои шаҳраку деҳот пешбарӣ шудани вакилон бошад, тавассути интихобӣ гардонидани боз як зинаи ҳокимияти давлатӣ пояҳои демократии ҷомеаамонро маҳкамтару устувортар намуд.

Барномаи пешазинтихоботие, ки барои давраи мазкур аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба мардуми мамлакат манзур гардидаву ҷонибдорӣ ёфт, "Барои созандагӣ ва рушди босуботи Тоҷикистон" унвон дошт. Имрӯз, бо гузашти панҷ сол аз давраи қабули он мо мебинем, ки иҷрои ҳадафу вазифаҳои муайянкардаи ҳизб воқеан ҳам ба таҳкиму навсозии тавлидот, густариши бахши воқеии иқтисодиёт, ба рушди босуботи иқтисодию иҷтимоӣ ва раванди созандагиҳои кишвар роҳ кушода, ба ҳамин васила болоравии сатҳи зиндагии шаҳрвандонамонро таъмин гардонданд.

Самти асосии сиёсати иқтисодии давлат ба бунёди шароит барои рушди устувори кишвар равона гардида, се ҳадафи муҳими стратегӣ-истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти ғизоӣ мисли пешина дар меҳвари ҳамаи тадбирҳо ва нақшаву барномаҳои таҳиянамудаву амалишавандаи ҳукуматамон қарор доштанд.

Дар натиҷаи ҳамин таъсири манфии бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ, ки то соли 2010 дар аксари мамолики олам доман паҳн карда, ба ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ латмаи шадид ворид сохта буд, дар кишвари мо то ҳадде пешгирӣ гардид ва бо вуҷуди бӯҳрон афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нигоҳ дошта шуда, давлат уҳдадориҳои иҷтимоии нисбати шаҳрвандон ба зимма гирифтаашро муваффақона ба ҷо меоварад.

Соли 2010 қисми хароҷоти буҷети давлатӣ нахустин маротиба ба буҷети иҷтимоӣ ва буҷети рушд ҷудо карда шуд. Боло рафтани имконоти иқтисодии давлат барои рушд, бешубҳа, падидаи некест, ки аз самарабахшии сиёсати иқтисодӣ башорат медиҳад.

Татбиқи Стратегияи миллии рушд, ки давраи то соли 2015-ро дар бар мегирад, заминаҳоро барои пешрафти устувори иқтисоди миллӣ таҳким бахшиданд. Тараққиёти устувори макроиқтисодӣ, такмили низоми идораи давлатӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, танзим ва навсозии тавлидот, таҳкими иқтидорҳои содиротии кишвар, беҳбуди фазои сармоягузорӣ, рушди бахши хусусӣ ва махсусан, соҳибкории хурду миёна, тақвияти неруи инсонӣ, рушди бозори меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, аз ҷумлаи бахшҳое мебошанд, ки дар доираи стратегияи мазкур ва ислоҳоти иқтисодӣ самтҳои фаъолияти Ҳукумати мамлакатро муайян намуданд.

Дар натиҷаи суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, ки дар давраи бӯҳрони ҷаҳонии молиявию иқтисодӣ то андозае суст шуда буд, барқарор гардид ва соли 2013, масалан, 7,4 ва соли 2014 6,7 дарсадро ташкил дод. Даромадҳои пули аҳолӣ соли 2013 16,5 ва ҳаҷми маош 20 дарсад афзоиш ёфтанд. Болоравии маош соли 2014 - 12-дарсад буд.

Торафт боло бурдани иқтидори содиротии кишвар, коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ, истеҳсоли маҳсулоти ба рақобат тобовар, муҳайё намудани ҷойҳои нави корӣ, амалӣ сохтани ҳадафҳои иҷтимоии давлат ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ заминаҳоро барои рушди устувори иқтисодӣ таҳким бахшиданд.

Аз он ҷумла, дар саноат ба содирот, ба пуркунии ҷои воридот равона сохтани раванди тавлиди маҳсулот ва бо ҳамин тағйир додани таркиби содирот, даст кашидан аз амалияи содироти ашёи хом ва то ба маҳсулоти ниҳоӣ расондани коркарди он дар дохили мамлакат, ба вуҷуд овардани низоми умумидавлатии дастгирии содирот ва бо ин максад тахсис додани қарзҳои имтиёзнок самтҳои афзалиятнок рушд қарор гирифтанд. Номгӯи маҳсулоти саноатии ватанӣ дар бозори дохилӣ васеътар шуд. Давоми солҳои 2012 - 2013 324 ва соли 2014 150 корхонаи нави хурду миёна, бо ҳазорон ҷойи кор ба фаъолият пардохтанд.

Дар доираи татбиқи барномаҳои давлатии рушди саноати сабук барои солҳои 2006 - 2015, коркарди пурраи нахи пахта барои давраи то соли 2015, рушди коркарди маҳсулоти кишоварзӣ барои солҳои 2007-2015 як силсила иқдомҳои мушаххас ба миён омаданд. Баробари ин, имкониятҳои рушд дар соҳаҳои истихроҷу коркарди маъдан, аз ҷумла оҳан, азхудкунии захираҳои табиии кишвар, саноати металлургияи ранга, саноати сабук, истеҳсоли хӯроквори, мошинсозӣ ва бахшҳои дигар мавриди омӯзишу истифода қарор доранд. Саноати масолеҳи бинокорӣ, истеҳсоли семент дар мамлакат бо суръат пеш меравад.

Ҳамаи ин пешрафтҳо дар давраи сипаришуда ва ҳамчунин, заминаҳое, ки барои оянда гузошта шудаанд, имконият доданд, то мо акнун дар бораи аз як кишвари аграрию саноатӣ ба кишвари саноатию аграрӣ мубаддал сохтани Тоҷикистони азизамон сухан ба миён оварем. Яъне аз рушди саноату энергетика барномаҳои иқтисодии давлати мо мақоми торафт баландтарро касб карда, ин соҳаҳо дар Тоҷикистони фардо афзалиятро соҳиб хоҳанд шуд. Мавзӯи мазкурро нахустин бор Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми ироаи Паёми соли гузаштаашон ба Маҷлиси Олӣ матраҳ намуданд.

### ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ: ИҚДОМОТИ НАВ ДАР ТАҲКИМИ ЗАМИНАҲО

Чун дар бораи саноат ҳарф задем, бамаврид аст, ки акнун дастовардҳои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро дар рушди энергетика мухтасар ёдовар шавем. Зеро саноат ва умуман, ягон соҳаи ҳаёти имрӯза бе энергетика пеш намеравaнд. Ба ҳамин хотир аст, ки таъмини истиқлолияти энергетикӣ яъне аз ҳадафҳои стратегии давлатамон шуморида мешавад.

Бояд гуфт, ки давраи гузашта дар ин бобат ҳам дигаргуниҳо хеле зиёд буданд. Аз ҳама муҳим он аст, ки дар ин миён нерӯгоҳи барқи обии "Сангтӯда-2" дар дарёи Вахш ва навбати аввали маркази барқу гармидиҳии "Душанбе-2" мавриди истифода қарор гирифтанд. Вазифаи навбатӣ бунёди навбати дуюм ва то 400 мегаватт расондани иқтидори маркази зикршуда аст. Ҳоло корҳо дар ин самт идома доранд. Манбаъҳои нави энергетикӣ имкон доданд, ки истеҳсоли нерӯи барқ дар кишвар афзоиш пайдо бикунад.

Вобаста ба ҳалли мушкилоти энергетикӣ ва оянда ба яке аз мамлакатҳои содиркунандаи энергияи барқи арзон табдил додани Тоҷикистон дар кишвар лоиҳаҳои зиёде доир ба бунёду нерӯгоҳҳои барқии обӣ, кашидани хатҳои нави интиқоли он мавриди татбиқ қарор гирифтаанд ва ё қисмеашон ҳоло татбиқ шуда истодаанд. Ҳамзамон, ҷиҳати коҳиш додани талафот ва инчунин кам кардани масрафи он тавассути истифодаи технологияҳои нави сарфакунандаи нерӯ тадбирҳо андешида мешаванд.

Соли 2010 дар доираи барномаҳои давлатии сармоягузорӣ 12 лоиҳаи энергетикӣ мавриди татбиқ қарор дошт, ки ҷалби маблағи умумӣ қариб 3 миллиард сомониро дар бар мегирифт. Дар доираи консепсияи рушди энергетикаи Тоҷикистон маблағгузории пайвастаи соҳа ба роҳ монда шуда, соли 2011 бо ин мақсад 1,8 миллиард сомонӣ ҷудо гардидааст. Ба хотири рафъи танқисии нерӯи барқ ва таъмини мунтазами аҳолӣ бо он дар маҳаллаҳои дурдасти кӯҳистон давоми солҳои истиқлолият, то охири соли 2013, 310-нерӯгоҳи хурди обӣ бо иқтидори умумии 29 ҳазор кВ/с сохта, ба истифода дода шудааст ва мутобиқи барномаи махсуси марбути ин соҳа барои солҳои 2009 - 2020 бунёди боз 190 нерӯгоҳи хурди барқии дигар дар назар дошта шуда, сохтмони 10-тои он ҳоло давом дорад.

Дар айни ҳол лоиҳаи сохтмони нерӯгоҳи азими барқи обии Роғун баъди омӯзиши тӯлонӣ аз ҷониби ташхисгарони Бонки ҷаҳонӣ баҳои мусбат гирифт ва кор дар ин ҷо суръат гирифта истодааст. Ҷиҳати кашидани хати баландшиддати барқи "КАСА-1000" аз Тоҷикистону Қирғизистон ба Афғонистону Покистон барои содироти нерӯи барқи изофии кишварҳои номбурда созишномаи байналмилалӣ ба имзо расида, татбиқи лоиҳаи мазкур соли равон оғоз мешавад. Ин имкон медиҳад, ки мо барқи барзиёди фасли тобистонамонро ба фурӯш гузошта, воридоти маблағро ба буҷа афзунтар гардонем.

Баробари ин дар панҷ соли гузашта тадбирҳо ҷиҳати мавриди истифода қарор додани манбаъҳои дигари энергия, аз қабили ангишт ва нафту газ, рӯ овардан ба манбаъҳои алтернативии он - офтобу бод ва пасмондаҳои биологӣ, бунёди зербинои "Иқтисоди сабз"-и аз ҷиҳати экологӣ безарар идома доштанд. Ҳоло чандин сол аст, ки дар 87 кони ояндадори нафту гази қаламрави ҷумҳурӣ 21 ширкати ватанию хориҷӣ ба корҳои ҷустуҷӯию иктишофӣ машғуланд, ки ширкатҳои азими байналмилалии "Тотал", "Газпром", "Тетус-Петролиум" ва ширкати миллии нафту гази Чин аз ҳамон ҷумлаанд. Таваҷҷуҳи ин ширкатҳои овозадори ҷаҳонӣ ба захираҳои табиии Тоҷикистон башорат медиҳад, ки моро дар соҳаи нафту газ низ ояндаи умедбахше интизор аст.

Яке аз ҳадафҳои дигари стратегии давлатамон, ки Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон давраи сипаришуда дар роҳи он талош варзид, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ мебошад. Роҳҳо на фақат пайвандгарони шаҳру минтақаҳо, сарҳадҳою миллатҳо мебошанд, балки онҳо ҷойҳои нави корӣ, воридоти сармоя, марказҳои нақлиётию логистикии хизматрасониҳои байналмилалӣ, пардохтҳои транзитӣ ба буҷет, фаровонию арзонии бозорҳо низ ҳастанд.

Аз ҳамин лиҳоз, ба имзо расидани қарордод ва оғози корҳо доир ба бунёди роҳи оҳани байналмилалии Тоҷикистон-Афғонистон-Туркманистон, идомаи корҳо дар хати роҳи оҳани Ваҳдат-Ёвон-Қӯрғонтеппа, роҳҳои мошингарди байналмилалии Душанбе -Кӯлоб- Хоруғ - Кулма, Душанбе - Турсунзода, Айнӣ - Панҷакент, Восеъ - Ховалинг ҳамасола мавриди таваҷҷуҳи хоси Ҳукумати мамлакат буданд. Дар ин давра нақбҳои Чормағзак ва Шаҳристон сохтаю мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтанд. Танҳо соли 2011 доир ба ҳалли мушкилоти нақлиётӣ татбиқи се лоиҳаи нав шурӯъ шудааст.

Ҳоло 46 дарсади аҳолии мамлакат дар соҳаи кишоварзӣ кор мекунад, соҳа 21 дарсади маҷмӯи маҳсулоти дохилиро медиҳад. Бинобар ҳамин, ҳолати кор дар бахши кишоварзӣ ба рушди босуботи иқтисодӣ таъсири калон дорад. Гузашта аз ин, таъмини амнияти ғизоӣ севумин ҳадафи стратегии давлатамон аст, ки мо ба ин нуқтаи мурод торафт наздиктар мешавему тадбирҳои андешидаи ҳукуматамон, ки дар қатори дигар масъалаҳои барномавии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пешбинӣ гардида буданд, ба амалисозии мақсади мазкур равона гардиданд.

Идомаи ислоҳот, таҷдиди хоҷагиҳои кишоварзӣ, дастгирии давлатии соҳа, таҷдиди инфрасструктураи хоҷагиҳо, тавассути ворид намудани технологияҳои ҳозиразамони парваришу нигоҳубини зироатҳо афзун намудани маҳсулот, пешниҳоди қарзҳои имтиёзноки давлатӣ ва аз ҷиҳати молиявӣ мусоидат кардан ба рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ номгӯи нопурраи иқдомҳое ҳастанд, ки дар давраи номбурда аз ҷониби ҳукумати малакат рӯи кор гирифта шудаанд.

Ҳамчунин ба масъалаҳои обёрию азхудкунии заминҳои нав, бозгардондани заминҳои бекорхобида ба истеҳсолоти кишоварзӣ, таҳияи барномаи дарозмуддати давлатии марбути соҳаи мазкур бо ҷалби манбаъҳои гуногуни сармоягузорӣ, истифодаи самараноки замин ва тавсеа бахшидани майдони кишти тирамоҳӣ, таъмини рушди устувори соҳаи пахтакорӣ, ривоҷи боғдорию ангурпарварӣ, тақвияти ҷанбаи содиротии тавлиди маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он дар дохили кишвар таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид. Дар соҳа соли 2011- 2014 лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ мавриди татбиқ қарор доштанд.



*(Давом дорад)*

# ФАРҲАНГИ МИЛЛИРО АРҶ ГУЗОРЕМ



**Низом Қосим пури Ҷаҳонгир, номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон (аз рӯйхати ягонаи умумиҷумҳуриявӣ)**

**"Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат аст"** - дар ин суханони соддаву заминӣ ва амиқу самимии Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асли муносибати миллату сиёсати давлатамон оид ба фарҳанг равшану барҷаста таҷассум ёфтааст.

Дар солҳои душвортарини даврони Истиқлолият ҳам давлат фарҳанги миллиро доимо дар мадди назар дошт ва барои рушду тавсеаи он чораҳои муассири мушаххас меандешид. Бо як таваҷҷуҳ ба буҷети ҷумҳурӣ дар солҳои охир дидан мумкин аст, ки маблағгузории соҳаи фарҳанг пайваста меафзояд. Аз буҷети имсола, ки 15,3 миллиард сомониро ташкил медиҳад, 8 миллиард, яъне аз ним зиёдаш барои соҳаҳои иҷтимоӣ ҷудо шудааст ва дар ин рақам фарҳанг ҳиссаи назаррас дорад.

Мавриди зикр аст, ки давлат ба вазъи иҷтимоии аҳли фарҳанг таваҷҷуҳи пайваста зоҳир мекунад. Тибқи пешниҳоди Сарвари давлат имсол 20% зиёд гардидани маоши кормандони соҳа ва ба ин мақсад ҷудо шудани қариб 8 миллион сомонӣ мисоли тозаи ин аст.

Чунон ки дар Паёми Президенти кишвар ба Маҷлиси Олӣ омадааст, "Ҳукумат дар муддати даҳ соли охир танҳо барои таъмиру таҷдиди ёдгориҳои таърихӣ қариб се миллиард сомонӣ равона карда, аксари осорхонаҳо, қасру марказҳои фарҳангӣ, қалъаву шаҳрҳои бостонӣ, мақбараҳои шахсиятҳои таърихиву ирфонӣ ва дигар мероси моддиву маънавии халқамонро азнавсозӣ намуд".

Дар ин маврид метавон аз бунёди бузургтарин махзанҳои фарҳангии мамлакат - Китобхонаи миллӣ ва Осорхонаи миллӣ ёдовар шуд, ки дар зоти худ камназиранд. Дар ин радиф қариб сад китобхонаи вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ, ҳазорон китобхонаҳои соҳавӣ, донишгоҳиву мактабӣ аз шарофати таваҷҷуҳи пайвастаи давлат барҷову баркарору фаъоланд ва дар тарбияи маънавии қишрҳои гуногуни ҷомеа, бахусус ҷавонону наврасон, саҳми сазовор доранд.

Ҳамзамон бо таъмиру тармими китобхонаҳои мавҷуда ва бунёди китобхонаҳои нав сол то сол таваҷҷуҳ ба ғанитар кардани хазинаи онҳо меафзояд. Бо ин мақсад ҳар сол аз фонди захиравии Президенти мамлакат барои чопи асарҳои адибони муосир маблағи зарурӣ ҷудо шуда, тавассути барномаву маблағгузории дигари давлатӣ чопи силсилаи осори оламшумули адабиёти классикиамон иборат аз панҷоҳ ҷилд амалӣ гашта истодааст. Ҳар сол асарҳои зиёди таъриху фарҳангамон низ харидориву баркарор ва тавассути осорхонаву намоишгоҳҳо ба аҳли ҷомеа манзур мешаванд.

Давлат ба тамоми воситаҳои фарҳангии ташаккули инсони комил ва шаҳрванди соҳибфитхору масъулиятшинос таваҷҷуҳ зоҳир мекунад. Дар солҳои охир таъмиру тармими аксари театрҳои кишвар сурат гирифт, сохтмони бинои замонавии аз ҳар ҷиҳат барои фаъолияти эҷодӣ мусоиди Театри миллии Тоҷикистон идома дорад.

Давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон муоҳидаи байналмилалиро дар бораи ҳифзу рушди сарватҳои ғайримоддии фарҳангӣ ба тасвиб расондааст ва ба нигоҳ доштану инкишоф додани ҷашну маросим, расму оин, ҳунарҳои ҳазорсолаи миллат диққати зиёд медиҳад. Гиромидошти ҳарсолаи фалаксароиву шашмақомхонӣ ва таҷлили ҷашнҳои бузургони адабиёту санъат зуҳуроти равшани ин аст. Бо пешниҳоди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби комиссияи фарҳангии Созмони Милали Муттаҳид ба сифати иди байналмилалӣ пазируфта шудани Наврӯзро, ки ҳадафаш пайванди ҷовидонаи Инсону Табиат ва вахдату саодати аҳли башар аст, метавон тантанаи фарҳанги ҳазорсолаи миллиамон донист.

Дар панҷ соли гузашта вакилони Маҷлиси намояндагон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, вобаста ба зарурати воқеӣ, ба бисёр қонунҳои амалкунандаи соҳа, аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фарҳанг", "Дар бораи фаъолияти китобдорӣ", "Дар бораи ҳифз ва истифодаи объектҳои мероси таърихию фарҳангӣ", "Дар бораи ҳунарҳои бадеии халқӣ", "Дар бораи берун баровардан ва ворид кардани сарватҳои таърихию фарҳангӣ" тағйироту иловаҳои дахлдор ворид карда, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи осорхонаҳо ва фонди осорхонаҳо"-ро дар таҳрири нав манзур намуданд. Ин кор дар оянда ҳам идома меёбад ва, бешубҳа, ба рушди бештару заминадори бахшҳои гуногуни фарҳанги халқамон мусоидат мекунад.

Тибқи бахши фарҳанги барномаи хеш дар интихоботи имсола ба Маҷлиси намояндагон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар оянда низ барои татбиқи барномаи фарҳангии раҳбарияти олии кишвар, ки яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлат эълон шудааст, ҷидду ҷаҳд менамояд. Дар ин кор ба суннатҳои шарифи ниёгон ва арзишҳои волои фарҳангии гузаштагони пурифтихор такя мекунад, то ки мардуми фарҳангпарварамон бештар дар мавқеи инсондӯстӣ, ватанпарварӣ, ваҳдату бунёдкорӣ устувору баркарор бошад ва гароиши гурӯҳҳои алоҳидаи ҷомеа, бахусус ҷавонони ноогоҳ ба фарҳангу тафаккури бегона коҳиш биёбад. Дар айни замон принсипи таҳаммулгарой ба ақидаву эътиқодҳои гуногуни фарҳангӣ асоси муносибати Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ташкил медиҳад ва фарҳанги қавму миллатҳои дигар мавриди эҳтироми самимӣ хоҳанд буд.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, ҳамзамон бо дастгириву истифодаи дастовардҳои фарҳангҳои инсондӯстонаву пешқадами дигар, афзалияти баҳрабардорӣ аз фарҳанги волои миллиро рушд хоҳад дод ва бо нашру ташвиқи осори гаронбаҳову ҷовидонаи ниёгон, бузургдошти ҳаёту эҷоди шахсиятҳои бузурги фарҳангамон ва таблиғи ҷашну маросимҳои бузурги инсондӯстона, аз ҷумла Иди ҳазорсолаву ҳамешаҷавони Наврӯз, пояҳои маънавиёту ахлоқи ҳамидаи миллиро мустаҳкамтар хоҳад кард.

Дар Паёми Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии мамлакат ҳамзамон бо таъкиди зарурати рушди кинои тоҷик, кам будани филмҳое зикр гардид, ки "гузаштаву имрӯзро воқеъбинона инъикос намоянд, масъалаҳои муҳими ҳаёти ҷомеаро тасвир созанд ва ахлоқи ҳамидаву анъанаҳои неки халқамонро тарғиб кунанд". Аз ин рӯ, яке аз вазифаҳои муҳими вакилони даъвати панҷуми Маҷлиси намояндагон аз Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон зимни таҳкими минбаъдаи қонунгузории соҳаи фарҳанг ба вуҷуд овардани заминаи ҳуқуқии рушди кинои тоҷик хоҳад буд, то ки ин санъати муҳими ба миллионҳо нафар дастрасу қарин ғояҳои волои миллӣ, ватандӯстӣ, зебоипарастиву инсондӯстӣ, ватанпарварию ифтихори миллиро тарғиб карда, ба як воситаи муқтадири муаррифии халқу Ватанамон ва сиёсати созандаю бунёдкоронаи давлат табдил биёбад.

Бахши фарҳанги барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон заминиву воқеӣ ва комилан иҷрошаванда буда, бунёди инфрасохтори соҳа, таъмини он бо таҷҳизоту воситаҳои замонавӣ ва кадрҳои баландихтисосу масъулиятшинос ва дар ин замина тарғибу ташвиқи арзишҳои ҷовидонаи фарҳангиро дар назар дорад ва ҳадафаш таҳкими давлатдории миллӣ, рушди суботу амнияти ва пойдории ваҳдати саодатовари халқи Тоҷикистон аст. Бигзор, на танҳо имсол, ки аз ҷониби Сарвари давлатамон Соли оила эълон шудааст, балки ҳамеша маънавиёти ҳазорсолаи тоҷик, фарҳанги волои хонадориву ватанпарварӣ, ваҳдату муҳаббат ба инсондӯстиву эҳтироми ҳамдигар ҷузъи зиндагии ҳаррӯзаи мардумамон бошад ва ҳар якашонро ба орзуву ниятҳои неки созандаашон бирасонад.

Умедворем, ки Барномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз ҷониби интихобкунандагони муҳтарам дастгирӣ мeёбад ва бахри амалӣ намудани шиори ин ҳизби бунёдкор - "Барои ваҳдати миллӣ, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, созандагиву ободонӣ, рушди устувори иқтисодӣ ва зиндагии шоистаи мардум!" хидмат мекунад.

Ҳаёти ҳизб

## ВОХӮРИИ НОМЗАДҲО БО ИНТИХОБКУНАНДАГОН ДАР ҲИСОР

Дар ноҳияи Ҳисор вохӯрии номзадҳо ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо интихобкунандагон баргузор гардид. Ба вохӯрӣ узви комиссияи интихоботӣ аз ҳавзаи Ҳисор-7 С. Одинаев ҳусни ифтитоҳ бахшида, ҳозиринро бо шарҳи ҳоли номзадҳо шинос кард.

Сипас Раҷабмоҳ Бадриддинова, номзади ҲХДТ аз ҳавзаи ягонаи умумиҷумҳуриявӣ баъзе пахлӯҳои барномаи пешазинтихоботии худро ба интихобкунандагон шарҳ дод. Ҳамзамон А.Содиқов, шахси ваколатдори номзад, Аҳмадрафиқ Ҳомидов, мудири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ ва робита бо ташкилотҳои ҷамъиятии Дастгоҳи КИМ ҲХДТ, Г.Додоева, номзад аз ҲХДТ ба вакилии маҷлиси маҳаллии вакилони халқи ноҳияи Ҳисор, М.Шарипов, раиси КИ ҲХДТ дар ноҳияи Ҳисор дар робита ба маъракаи сиёсии дар пешистода ибрози андеша намуданд. Зикр шуд, ки дар Барномаи пешазинтихоботии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон муҳимтарин самтҳои рушди мамлакат дар солҳои 2015-2020 инъикос шудаанд. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои муайяншуда, ки аз сиёсати хирадмандонаи Раиси ҲХДТ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бармеояд, тамоми нерӯи хешро равона месозем ва дар интихобот аз намояндагони ҲХДТ ҷонибдорӣ мекунем.

"МХ"

## ОИЛАИ СОЛИМ - ҶАМЪИЯТИ СОЛИМ

Дар шаҳри Қӯрғонтеппа зери унвони "Оилаи солим - ҷамъияти солим" дар асоси нақшаи чорабиниҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳр мизи мудаввар бо иштироки сардори гурӯҳи таблиғотии "Фарҳанги сиёсӣ" С.Қосимова, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар шаҳри Қӯрғонтеппа Т.Наҷидуллоев, аъзои гурӯҳи таблиғотии доимоамалкунанда аз ҳисоби собиқадорони меҳнат, занон, ҷавонон, раисони маҳаллаҳо, эҳомхатибон баргузор гашт. Дар чорабинӣ 5 масъалаи муҳими ҳалталаби ҷомеа, ки аз Паёми навбатии Президенти кишвар ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурӣ бармеоянд, аз он ҷумла масъалаҳои пешгирии ҷудошавии оилаҳо, оила аз нигоҳи Ислом, оқибатҳои никоҳи хешутаборӣ, сатҳи маърифатнокии занон дар боби оиладорӣ ва пешгирии хароҷоти зиёдатӣ аз тарафи занон муҳокима гардиданд.

"МХ"

# ЧАРО БА ҲХДТ ОВОЗ МЕДИҲАМ?

**ДИЛШОД НАЗАРОВ,**
**варзишгар:**



- Барои ман ҳамчун шаҳрванди кишвар тинҷиву амонӣ дар Тоҷикистони мо нақши муҳим дорад. Агар дар мамлакат суботи ҷомеа ҳукмфармо бошад, тамоми соҳаҳо рушд хоҳанд кард. Ба ҳайси варзишгари касбӣ иброз медорам, ки соҳаи варзиш, солиёни ахир дар кишвари мо дар ҳоли рушд қарор дорад- сохтани садҳо иншооти варзишӣ ва иштироки муваффақонаи варзишгарони ватанӣ дар мусобиқаҳои бонуфузи сатҳи ҷаҳонӣ баёнгари ин гуфтаҳоянд. Ҳамаи ин пешравиҳо бо ҲХДТ алоқаманд ҳастанд, чун ин ҳизб имрӯз пешбарандаи ҷомеаи мост.

**САЙФУЛЛО САФАРОВ,**
**муовини директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти ҶТ:**

Барои он ки ҳизби муҳофизатгари манфиатҳои миллист. Ҳизбест, ки дар ҳақиқат мардумӣ буда, аз идеологияи бегона орист. Тайи он солҳое, ки ҲХДТ дар кишвар мақоми ҳизби пешбарро дорад,



дар Ватани азизи мо сулҳу субот таҳким ёфт, ба эҳёи анъанаҳову фарҳанги миллӣ нафаси тоза бахшида шуд ва пешрафти тамоми соҳаҳои мухталифи кишвар ба номи ин ҳизб марбут аст. Ин ҳизби созанда, бунёдкор ва ваҳдатовар буда, сарварии онро Қаҳрамони Тоҷикистон, фарзанди фарзонаи миллат, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба дӯш дорад.

**ИБОДУЛЛО МАШРАБОВ,**
**Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон,**
**директори Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Лоҳутӣ:**

- Ба фикри мо, аксари кулли ҳунармандон бе шакку шубҳа, дар интихоботи вакилони Маҷлиси Намояндагони Маҷлиси Олӣ ва маҷлисҳои вакилони вилояту шаҳру навоҳӣ ба ҷонибдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон раъй медиҳанд. Зеро ки ҳар комёбию муваффақияте, ки дар ҷумҳурӣ ба даст омадааст, аз Барномаи амалӣ ва саъю талоши ин ҳизби созанда ва бунёдкор маншаъ мегирад. Агар ба ёд оварем, солҳои даргириҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон баробари тамоми сокинони ҷумҳурӣ вазъияти аҳли санъат низ хеле душвор гашта буд. Ҳатто пас аз парокандашавии ҳукумати шӯравӣ дар баъзе давлатҳои ҳамсоя расман эълом намуданд,



ки театр "чун санъати бегона" ба мо лозим нест. Вале пас аз барқарор шудани сохти конституционӣ нерӯҳои некхоҳи ҷомеа дар атрофи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарҷамъ шуда, натанҳо ба фазои осудаи сиёсиву иқтисодӣ муваффақ шуданд, балки барои рушди ҳунар, санъати театрӣ низ мусоидат намуданд. Ва ҳунари асил ҳам дар осоишу пешрафти кишвар ташаккули ҳувияти миллӣ, рушди мафкураи миллӣ саҳми худро гузошт. Ва хушбахтона, имрӯз чароғи театр ҳамчун минбари ормонҳои мардум ҳамеша фурӯзон аст, мардум бо хотири осуда вориди он мешаванд. Нақшаҳои Сарвари давлат ва Раиси ҲХДТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар хусуси ояндаи санъат низ хеле хушбин аст: пас аз бунёди шоҳкориҳои азими фарҳангӣ - Китобхона ва Осорхонаи миллӣ имрӯзҳо сохтмони биноӣ Театри миллӣ оғоз шуда, авҷ мегирад. Ин ҳама нишони он аст, ки оянда санъати театри тоҷик боз ҳам беҳтар мегардад.

**ТАҒОЙМУРОД РОЗИҚОВ,**
**Ҳунарпешаи Мардумии Тоҷикистон:**

-Дар интихоботи парлумонӣ ман, албатта, ба ҷонибдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон овоз медиҳам. Зеро ки ҳар як беҳбудию ободие, ки дар Тоҷикистони азизи мо дар бист соли охир ба вуҷуд омадааст, аз ташаббусҳои ҳамин ҳизб маншаъ мегирад. Бубинед, вақте ки бар асари озодбаёниву бисёрҳизбӣ, ки охири солҳои 80-ум эълом гашта буд, чандин созмонҳои ҷамъиятӣ ба вуҷуд омада, ҷумҳ-



урии орому осудаи моро ба вартаи ҷанг кашида, қариб ба ҳалокат расонда буданд. Ва оқибат, бо саъю талошҳои беандозаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва махсусан, Сарвари он, Президенти Тоҷикистон оқибатҳои он мусибат бартараф карда шуданд. Ва имрӯз роҳи оянда мо ва фарзандони мо равшан буда, сол то сол беҳшавии рӯзгори мардумро эҳсос мекунем. Пас аз он, ки нерӯҳои бадхоҳ ҷумҳурии азизи моро ба он гирдоби бало дучор карданд, на танҳо аз заводу корхонаҳои бузург, балки ҳатто аз тиб, маориф ва макотиби олӣ ҳам бисёр мутахассисон ҷумҳурии моро тарк намуданд ва аз солҳои 90-ум баробари ҳунарнамоӣ дар театр, инчунин дар Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба таълими ҳунармандони оянда машғул шудам. Бовар кунед, донишҷӯёни имрӯза аз ҳамсолони 15-20 сол пешинаи худ ба куллӣ фарқ мекунанд: дигаргуниҳои азими сиёсию иқтисодию фарҳангии кишвар ба он мусоидат намудаанд, ки онҳо пеш аз ҳама, рӯҳан осудаанд, аз лиҳози иқтисодӣ оилаҳояшон тинҷанд, сару либосашон мувофиқ, саломатиашон беҳтар ва барои мо, омӯзгорон, муҳимтар аз он, донишу фаҳмиши хуб доранд. Ин ҳама шаҳодати он аст, ки сиёсати пешгирифтаи давлат зимни барномаи амалии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон рӯзгори мардуми шарифи мо тинҷу обод шуда, маорифи халқи мо рушду такомул ёфтааст ва оянда боз ҳам беҳтар хоҳад шуд.

**АБДУЛҲАМИД САМАДОВ,**
**Нависандаи Халқии Тоҷикистон:**



- Чун ормонҳои милливу давлатиро таҷассум месозад. Баҳри пешрафту осудагии миллату кишвар талош варзида, бароиояндаи неки Тоҷикистони азизи мо кӯшишҳо ба харҷ медиҳад.

**МИНОИ ОЛАМОРО,**
**овозхон, донишҷӯи Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов:**

- Ман бе ягон шакку шубҳа раъйи худро ба ҷонибдории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон медиҳам. Мақоли русии машҳуре буд: "Нон бошад, суруд ҳам мешавад". Вақте кӯдак будам, дар кӯчабоғи мо мардони ҳарбипӯш ва силоҳдор зиёд рафтуомад мекарданд, ҳар вақт овозаи куштор, ё садои даҳшатноки тирро мешуни-



дем, кӯдаконро бо деву аҷина не, бо ҷангиёни силоҳдор метарсонданд. Он ҷанҷолу мусибат ягон касро ором намегузошт. Нагз дар ёдам ҳаст, ки вақте ду мӯйсафеди усто таъмири хонаи моро анҷом дода, волидонам ба онҳо ҳаққи корашонро доданд, онро нагирифта, хоҳиш карданд, ки танҳо "маршрутка-пулӣ" диҳанд, мешавад. Зеро ки дар роҳ дуздӯ роҳзан зиёд аст ва то хона тинҷ рафтан ба гумон аст. Ҳазорон шукр, ки пас аз чанд муддат на танҳо тинҷӣ шуд, балки рӯзгори мардум обод шуд. Ҳоло хоҳ шаб, хоҳ рӯз ҷавонону калонсолон бемалол дар шаҳр рафтуомад мекунанд, дар консерту дигар чорабиниҳои фарҳангӣ фаъолона иштирок намуда, аз муҳаббати инсонӣ месароянд. Бале, "нон бошад ва тинҷию амонӣ бошад, суруду мусиқии хушу форам мешавад". Шодам, ки ҳамсолони ман ба шарофати роҳбарии хирадмандонаи ин ҳизби воқеан халқӣ имрӯз соҳиби нони меҳнатии худ ҳастанд, тинҷу осудаанд ва мо, аҳли ҳунарро ба саҳна мехонанд. Хушбахтона, ман ҳам аз кӯдакӣ дар ҳайати ансамбли овозадори "Падида" дар консертҳои расмӣ иштирок мекардам ва шоҳиди он ҳастам, ки Сарвари давлати мо ва ҳамзамон Раиси Ҳизби Халқии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо вуҷуди серкорӣ ҳангоми қабули барномаҳои нави консертҳо шахсан иштирок намуда, барои беҳбудӣ ва рушди минбаъдаи ҳунар маслиҳатҳои нек медиҳанд, ҳамеша ҷавононро эҷодкорро дастгирӣ мекунанд ва ғамхории падарона зоҳир менамоянд. Ҳамаи ин мо, ҷавонон, шахсан худи маро ба илҳом меорад. Ва меҳоҳам бо ин сатри суруди "Эй ёр", ки дар байни ҷавонон маъруфият дорад, бигӯям: "Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Мино туро дӯст медорад"!

**ИЗЗАТ ШАРИФӢ,**
**ҳунарманд:**



- Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ҳақиқат ҳизби созанда буда, дар ҳама мушкилиҳои ҷомеа ҳамроҳи мост. Инчунин Роҳбарии ин ҳизбро Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ухда доранд ва мо ҷавонону ҳунармандон ҳамеша бо дили пур дар атрофи ин шахсияти бузург муттаҳиду сарҷамъ шуда, баҳри пойдории сулҳу ваҳдат кӯшиш хоҳем кард.

**МУЗАФФАР ШОМАҲМАДОВ,**
**сокини ноҳияи Панҷ:**

- Ба ҳамагон маълум аст, ки ҲХДТ зодаи даврони истиқлол буда, дар таъмини амнияти



миллӣ, пойдории сулҳу Ваҳдат ва зиндагии шоистаи мардум саҳми арзанда дорад. Ин шаҳодати он аст, ки ҳизби мазкур ҳизби ояндадор, созандаву бунёдкори миллати сарбаланди тоҷик мебошад. Аз аввали таъсисёбӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бештар ба ҷавонон такя мекард, зеро ҷавонон як нерӯи бузургиояндасоз дар Тоҷикистон эътироф шудаанд ва таҳкими нерӯи иқтисодиву иҷтимоии сиёсии мамлакатро бе иштироки фаъолонаи онҳо тасаввур кардан ғайриимкон аст. Дар ҷаҳони мусоир рӯй овардан ба масъалаи ҷавонон ва истифода аз имкониятҳои зеҳниву ҷисмонии онҳо яке аз шартҳои ноил шудан ба устувории иқтисодии ҷомеа оварда мерасонад.

# Изҳороти

## МАРКАЗИ РОБИТАҲОИ ҶАМЪИЯТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**9-уми феврали соли равон дар ҷараёни пешбурди фаъолияти фаврӣ-ҷустуҷӯӣ, кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар манзили истиқоматии шаҳрванд Сардоров Латиф, соли таваллудаш 1955, зода ва истиқоматкунандаи деҳаи Чуқураки Болои ҷамоати Навободи ноҳияи Ҳисор 2 адад таппончаи тамғаи Макаров, 4 тирдон, 51 дона тир, 1 адад запали (оташгирони) таркандаи норинҷаки дастиро дарёфт ва мусодира намуданд.**

**Мутобиқи нишондоди Сардоров Латиф маълум гардид, ки силоҳ ва лавозимоти ёфтшуда ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмудов Ҷамолиддин Бурҳониддинович, соли таваллудаш 1960, зодаи деҳаи Чуқураки Болои ҷамоати деҳоти Навободи ноҳияи Ҳисор, маълумоташ олӣ, оиладор, аъзои Раёсати олии Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, мушовири сиёсии Раиси Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, узви Комиссияи Марказии Интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз Ҳизби наҳзати исломии Ҷумҳурии Тоҷикистон, сокини шаҳри Душанбе, кӯчаи Яккачинор, бинои 142/2, ҳуҷраи 18 тааллуқ доранд.**

**Тибқи нишондоди шаҳрванд Сардоров Латиф, аъзои Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, бо собиқаи 22 соли узвият, Маҳмудов Ҷамолиддин Бурҳониддинович соли 1996 2 адад таппончаи Макаров, 4 тирдон, 51 дона тир, 1 адад запали (оташгирони) таркандаи норинҷаки дастиро ба ҳамсоя ва дӯсти содиқаш Сардоров Латиф ғайриқонунӣ дода, хоҳиш кардааст, ки дар ягон махфигоҳ онҳоро пинҳон намояд.**

**Иловатан соли 2012 Маҳмудов Ҷамолиддин Бурҳониддинович ба Сардоров Латиф таъкид кардааст, ки лавозимоти ҷангии номбурдаро боэҳтиёт нигоҳ дорад, зеро онҳо лозим хоҳанд гашт.**

**Дар давоми ин солҳо шаҳрванд Сардоров Латиф моводи зикрёфтаро пинҳон намудааст.**

**Нисбати далели ошкоргашта дар асоси моддаи 195, қисми 2-и Кодекси Ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз гардид.**

**Бо гумонбарӣ дар содир намудани ҷинояти мазкур шаҳрванд Маҳмудов Ҷамолиддин Бурҳониддинович боздошт шуд. Тафтишоти пешакӣ идома дорад.**

**Маркази робитаҳои ҷамъиятии КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон**

***Моҳи марти соли равон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз маъракаҳои муҳими сиёсӣ-интихоботи парлумонӣ баргузор мегардад. Дар интихоботи навбатӣ, барои як курсӣ дар парлумон 8 ҳизби сиёсӣ ва шахсиятҳои алоҳида бо тарзи худпешбарӣ байни ҳам рақобат мекунанд. Рақобатҳо, ки марбут ба парлумони касбӣ аст, аз рӯи барномаҳои пешазинтихоботии ҳизбу номзадҳо сурат гирифта, нақшаву стратегияи онҳо ба таври гуногун пешкаши мардум мегардад.***

# ТАКРОРИ ТАЪРИХ

## ё ҷаро динро бо сиёсат меомезанд?

**ЁДОВАР** бояд шуд, ки замони Шӯравӣ интихобот ва рақобатҳои сиёсӣ аз рӯи ваъдаҳои ҳангуфту подарҳавои номзадҳо сурат мегирифт. Ҳатто ҳолатҳое низ буданд, ки номзадҳо дар маъракаҳои пешазинтихоботӣ ба интихобкунандагон тухм, гӯшт, қанди сафед, куртаву маҳсӣ ва ҳатто калуш тақсим карда, раъйи мардумро мехариданд. Вале дар маъракаҳои интихоботӣ, ки марбут ба парлумони касбии қонунбарор сурат мегирад, на аз рӯи калушу тухм, балки аз рӯи идеологияи муайян метавон боварии мардумро сазовор шуд. Аммо дар даврони мо низ ин гуна "калушдепутат"-ҳо пайдо шудаанд, ки мехоҳанд ба воситаи эътиқодоти диниву мазҳабии мардум, ҳадафҳои сиёсии худро пиёда созанд.

Овозаҳо байни мардуми музофоти кишвар паҳн гардидааст, ки ҳар як мусалмон бояд дар маъракаи интихоботӣ ҳангоми интихоби ҳизбу номзади худ, калимаи "ислом"-ро аз варақаи интихоботӣ хатназанад. Дар акси ҳол номаи аъмолаш доғдор ва ҳатто аз имон маҳрум мешавад. Вале дар асл, дин, мазҳаб, равия, эътиқод, эътимод, нажод, миллат, маҳал, халқият, ҳизби сиёсӣ, гурӯҳи сиёсӣ, ҳаракат, ҷунбиш, ниҳод ва даҳҳо истилоҳоти дигаре низ ҳастанд, ки аз рӯи мазмуну муҳтаво, хусусияту мавқеъ, шаклу фаъолият аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ мекунанд. Ба монанди оне, ки ҳеҷ гоҳ наметавон динро бо мазҳаб ва мазҳабро ба равия ва ё динро ба ҳизби сиёсӣ, ки хоҳони курсии парлумон аст, баробар кард.

Ин овозаҳои бофтаву сохта, ки аз ҷониби чанд муллои кӯрсаводи тангназар паҳн гардидаанд, яқинан ҳадафмандона равона шудаанд, то нокомии иддае аз сиёсатмадорони камҳунарро пушоиш диҳад. Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, ки аслан ин овозаҳои дурӯғин ба манфиати онҳо равона шудааст, то ҳол ин бофтаҳоро на танҳо аз лиҳози динӣ баҳогузорӣ накардааст, балки хомӯширо авло донистааст. Яъне имрӯз низ гурӯҳҳои алоҳида мехоҳанд эътиқоди динии мардумро ба бозӣ бикашанд ва ба манфиатҳои сиёсии худ истифода кунанд. Вале ин усулҳои бозингарӣ барои миллати тоҷик нав нест. Зеро ҳанӯз ҳазорсолаҳо қабл фиребу найранги диниву мазҳабӣ болои миллат равона шудааст, ки аз ин гуна бозиҳо зарбаҳои шадиде дар пайкари миллат хӯрдаем.

### ЧИНГИЗ: ХУНХОР Ё ФИРИСТОДАИ ХУДО?

Аз замони ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ то лашкаркашиҳои Чингизи қаттол ин гуна бозиҳо барои ҳадафҳои сиёсӣ равона мешуд. Ҳамчунone, ки Искандарро "писари Зевс"-худои худоёни Юнон, Чингизи ғосибро "Фиристодаи худо" унвон карда, эътиқоди динии мардумро ба печиш меандохтанд. Аз замони ҳуҷуми лашкари Чингиз ба Хуросону Мовароуннаҳр, ки ба муқобилияти шадиди мардумони маҳаллӣ мувоҷеҳ шуда буд, чанд муллои зархариди миллатфурӯш барои манфиатҳои шахсӣ, Чингизро "Фиристодаи худо" ва "Хони бузург" унвон карда, мардуми башӯромадаи тоҷикро аз муқобилият бо ӯ боз медоштанд. Чингизи қотил дар баробари зери султа гирифтани минтақа, аввалин "иқдомаш" таҷовуз ба фарҳанг ва номуси миллӣ буд. Ӯ, дошинмандону аҳли илму маърифати миллатро аз дами теғ гузаронд ва занону духтаронро барои лаззати шаҳвонӣ ба аскаронаш супурд. Марказҳои фарҳангӣ ва китобхонаҳои бузургро ба коми оташ дод ва қисмати аъзами ин ганҷинаҳои бебаҳои миллати тоҷикро то қадри тавон ба заминҳои муғулии худ бурд. Нанговар он аст, ки муллоҳои худобехабару миллатфурӯш, ба ҷои муқобилияту мубориза, духтарони ашроф ва саидзодагонро ба зании муғулон доданд, то фарзандони муғул аз нигоҳи пушт арзандаи тоҷу тахт ҳисобида шаванд. Вале дар он замон танҳо Наҷмиддини Кубро буд, ки дар баробари орифи бузург ва умри зиёда аз 70 сола доштааш бар зидди душманони ғосиб иқдом кард ва дар ҷанги зидди муғул шаҳид гардид. Ҳол он ки чингизиён ба ӯ барои баромадан аз шаҳр ва гирифтани тамоми хешу ақрабо ва шогирдону муридон шароит фароҳам оварданд то ба ӯ зарар нарасад. Вале Наҷмиддини Кубро (р) Чингизро на "Хони бузург" ва на "фиристодаи Худо", балки як таҷовузгару ғосиб мешуморид. Яъне дини мардумро бо дасти фарзандони миллат бар алайҳи худи мардум истифода намуда, миллатро ғулом карданд.

### ТОҶИК Ё МУСУЛМОН?

Ин таҷрибаҳои талх болои миллати тоҷик борҳо амалӣ шудааст, ки миллатро аз бузургтарин марказҳои тамаддуни худ ҷудо сохт. Дар замони тақсимоти ҳудуди марзии Осиёи Миёна иддае аз муллоҳои хоин барои ӯзбекгардонии тоҷикон аз суоли "тоҷикед ё мусалмон?" кор гирифта, эътиқодоти динии талқингардидаро махсусан ба кор бурданд ва зиёда аз 60 фисади мардуми тоҷикзабони Самарқанду Бухороро ӯзбек қаламдод карданд. Ҳамон идеологияи "аввал мусалмон баъд тоҷик", ки берун аз арзишҳои миллӣ мебошад, махсусан бар алайҳи миллати тоҷик равона шуда буд, ки дар ҳассостарин лаҳза болои миллат зарбаи шадид зад. Ва наздик ба сад сол аст, ки он хатои содиршудаpo наметавон ислоҳ кард. Оё тоҷик будан маънои кофар буданро дорад? Магар як муллои бо ҷуръате чун Наҷмиддини Кубро пайдо нашуд, ки аз Имоми Аъзаму Салмони Форс ва иҷозаи махсуси паёмбари Ислом ба хондани намоз бо забони тоҷикӣ ба сиёсатмаобон бигӯяд? Ин ҷо ба ду фарзия мувоҷеҳ мешавем: аввал комилан бесавод буданд, ки таърихи дину мазҳабро намедонистанд; дуввум ҳангоми шумориши аҳолӣ манфиати калонро интизор доштанд.

### НОНИ МУАЛЛИМ ҲАРОМ?

Муллоҳои беғуруру манфиатхоҳ, ки аз меҳнати ҳалол дурӣ меҷӯянду умед ба маргу мири инсонҳо доранд, дар ҳама давру замон буданд. Дар солҳои 70-80-и қарни 20 низ барои ҷалб намудани инсонҳо ба худ ва аз илму маърифат дур сохтани онҳо, иддае аз муллоҳо "нони муаллим"-ро ҳаром хонда, дар маъракаву чорабиниҳои омӯзгорон иштироки мардумро зарур намеҳисобиданд. Ҷавонон, ки барои омӯзгор шудан омодагии ҷиддӣ медиданду онро касби пуршараф меҳисобиданд, аксаран зери таъсири афсонаҳои бофтаи диниву мазҳабӣ аз роҳи худ гашта, ронандаву дӯкондору пахтакор шуданд. Муносибати мардум зери таъсири ингуна афсонаҳо бо омӯзгорони рустабор тағйир хурд ва омӯзгорон тарки Тоҷикистон намуданд. Дар минтақаҳо фарзандон аз таълими илмҳои физикаву химия, биологияву анатомия, астрономияву дигар илмҳои дақиқ маҳрум монданд ва маҳз имрӯз давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон ранҷу уқубати он кирдори муллоҳои бесаводу манфиатхоҳро бар дӯш дораду мардум азобу уқубати онро бо хуну ҷони худ эҳсос мекунад.

### ТАЛОҚИ ЗАН ДАР ДАСТИ КИСТ? ШАВҲАР Ё МУЛЛО?

Аз рӯи воқеаҳои таърихӣ ва таҳлили амиқи онҳо маълум мегардад, ки иддае аз рӯҳониён ҷонибдори онанд, ки мардум дар ҳолати бедонишӣ ва гумроҳӣ бошанд. Зеро мардуми бедонишро метавон бо ҳар роҳу восита ба манфиатҳои гуруҳиву сиёсӣ истифода намуд. Ҳамчуноне, ки даҳаи 90-ум мардуми тоҷикро аз рӯи эътиқоду эътимоди самимияш ба ҷангу хархаша кашониданд.

Дар оғози ноорoмиҳои сиёсии Тоҷикистон, маҳз рӯҳониён деҳа ба деҳа, дар масҷиду ҷамоатхонаҳо мардумро ба майдоннишинӣ даъват мекарданд. Муллоҳои сиёсатмаобу сиёсатбоз, барои баровардани хостаҳои худ динро ба сиёсат печонида, аҳкому аркони исломиро ба масхара гирифтанд. "Ҳар кас ба майдон наравад, занаш талоқ", ки яке аз шиорҳои таблиғотии ин гуна муллоҳо буд, ки бар хилофи арзишҳои исломӣ ва ақидатӣ танҳо ба хотири манфиатҳои гурӯҳӣ равона шуда буд. Ва ин гуна шиорҳоро муллоҳои бесаводу фирефта тасдиқ намуда, мардумро ба майдонҳо кашиданд. Тамоми ҷангҳои дохилии Тоҷикистон, ки мояи бадбахтиву сарафгандагии миллат мебошад танҳо бо истифода аз эътиқоди диниву мазҳабии мардум амалӣ карда шуд. Яъне дину эътиқоди мардумро ба бозӣ кашида, худ аз лоёба моҳидорӣ мекунанд ва дар рӯзи мудҳиш аз паҳлӯи мардуми фиребкардаи худ фарсаххо дур гурехтанд ва мардум дар Афғонистону Покистон ҷабру ситам кашиданд.

Пас имрӯз, ки маъракаи интихоботӣ наздик шудааст, рӯҳониёни сиёсатбоз бо овозаҳои дурӯғини худ, мехоҳанд динро василаи пешравии худ кунанд ва бо роҳи фиреб раъйи мардумро ба даст оранд. Вале миллати тоҷик, ки ҷабру зулми фиребҳои диниро зиёд кашидааст, метавонад суоле гузорад, ки оё барои дини мубини Ислом, ки бузургтарин дини ҷаҳонист, ҳизби сиёсӣ чи зарурат дорад?!!



**Муҳаммадиқбол АТОЕВ**

# КАБӮТАРОНИ СУЛҲ АЗ АВРУПО

*Падидаи неке аз Аврупо бархост: сарварони ду кишвари бузургтарини Ғарб Ангела Меркел аз Олмон ва Франсуа Олланд аз Фаронса барои дарёфти сулҳ аввал ба Киев ташриф оварда, бо президенти Украина П.Порошенко, сипас дар Маскав бо президенти Русия В.Путин мулоқот оростанд. Дар ВАО онҳоро кабӯтарони сулҳ номиданд. Дарвоқеъ чунин иқдом бесобиқа мебошад ва пас аз ташаннуҷи қариб яксолаи авзои ҷаҳон, таҳримҳои пайваста ба Русия, ки бо эълони ҷанг баробар буд, чунин ташрифи самимона боиси ҳайрати шодиовар аст.*



**БАРОИ** ҳаллу фасли қазияи ҷанги Украинаи расмӣ бо вилоятҳои шарқии он, ки боиси марги беш аз 6 ҳазор инсон ва даҳҳо ҳазор захмӣ, тахриб ёфтани садҳо шаҳру деҳот шудааст, ҳар як ҳарфи мусолеҳатомез боиси дастгирӣ ва қобили қабул аст. Сарварони қитъаҳои Донетску Луганск ҳам аз ин дидорҳо умеди нек доранд. Муколама идома дорад ва мардуми некхоҳи олам ба умед шудаанд, ки вай рӯзи чоршанбе бо иштироки сарварони чор кишвар Меркел, Олланд, Порошенко, Путин идома ёфта, созиш ба миён меояд ва эҳтимол то миёна ва ё охири баҳори имсола ҷанг комилан хотима меёбад.

Сокинони Аврупо ин ташаббусро дастгирӣ мекунанд ва аксари роҳбарони кишварҳо кӯмаки ҳарбӣ расонданро ба Украина нолозим мешуморанд. Бархе аз он шиква кардаанд, ки сарвазири Англия ба ин пайғоми сулҳ ҳамроҳ нашудааст. Вале мавриди зикр аст, ки Д.Кэмерон бо дигар мушкилот овора буда, аслан дар Британия талошҳои ҷудо шудан аз Иттиҳоди Аврупо беш аз пеш садо медиҳанд.

Аз ҷараёни ин муколама танҳо як чиз боиси ташвиш аст, ки аз ягон ҷузъиёти музокирот хабар дода намешавад. Фақат баъзе ҳолатҳо аз шарҳу эзоҳи мансабдорони Украина ва Амрико аён мегардад. Мисол, ба таври ғайрирасмӣ аз он хабар дода шудааст, ки ба ҷабҳаи даргириҳо ворид намудани қӯшунҳои сулҳхоҳ маслиҳат шудааст, вале ҷониби Украина талаб дорад, ки артиши Русия дар он ҳозир набошад. Ин дар навбати худ боиси нобоварии ҷудоихоҳони шарқӣ буда, метавонад чун назарфиребӣ барои ворид кардани нерӯҳои НАТО арзёбӣ гардад. Ҷониби Амрико гуфтаанд, ки аз ҷузъиёти музокира огоҳанд. Ёвари Президенти ИМА Сюзан Райс иброз намудааст, ки пешниҳоди Меркел ва Олланд танҳо аз мавқеи В.Путин иборат набуда, бо П.Порошенко мувофиқа шудааст. Вале барои ба як хулоса омадан вақт лозим аст.

Ёдрас мекунем, ки алъон дар ҷабҳаи ҷанг вазъият ба манфиати ҷудоихоҳон буда, шаҳрчаи Дебалтсево пурра ба муҳосира гирифта шудааст. Дар ин росто вакилони Шӯрои халқии Ҷумҳурии мардумии Донетск бо ташаббуси дигари шӯрангезона баромада, "мурдаи садсолаи сиёсӣ" - Ҷумҳурии Донетску Кривой Рогро аз "гӯристони таърих" баровардан мехоҳанд. Зимни қарори нав қабулкардаи худ, онҳо даъват менамоянд, ки сокинони чанд вилоят бо ихтиёри худ муттаҳид шуда, давлати номбурдаро эҳё намоянд. Вале раиси маҷлис А.Пургин таъкид мекунад, ки ин санади қонунгузор набуда, тасмимгирии сиёсии сохтмони давлати оянда аст. Он вилоятҳо қаблан ба ҳудуди давлати номбурда ворид мешуданд ва пойтахти он дар шаҳри Харков воқеъ буд. Ин аслан ба ёд овардани таърихест, ки мо як давлати воҳид будем".

Дарвоқеъ, чунин ҷумҳурӣ 12 феврали соли 1918 дар анҷумани 4-уми ҳавзаи Донетск ва Кривой Рог дар Харков таъсис ёфта, муқобили Ҷумҳурии халқии Украина равона гашта буд, ки он замон вай аз ҷониби таъсискунандагони ҶШДК чун кишвари буржуазӣ маҳсуб мегардид.

Ба ҳайати он губернияҳои Харков, Екатеринослав, як қисми Кривой Роги губернияи Херсон, Таврия, гарданаи Қрим, Дон ва Ростов дохил мешуданд, ки ҳоло ҳудуди вилоятҳои Донетск, Луганск, Днепропетровск, Запорожйе ва як қисми вилоёти Харков, Сум, Херсон, Николаев ва Ростови Русияро дар бар мегирад. Пойтахти он аввал Харков буд, баъдан ба Луганск кӯчонда шуд. Пас аз як сол 17 феврали соли 1919 бо қарори Вазорати мудофиаи РСФСР Ҷумҳурии Шӯравии Донетску Кривой Рог барҳам дода шуд.

Дар солҳои пурошӯби ҷанги шаҳрвандии солҳои 1917-1924 чунин ҳудудҳои сиёсӣ зиёд таъсис ёфта буданд, вале муддате нагузашта, бо ором шудани вазъи атроф барҳам мехӯрданд. Ва ба гумон аст, ки эҳёи мурдаи садсола ба ҳаллу фасли мушкилоти имрӯза мусоидат намояд.

*Дар шишаи тирезаҳои фурӯшгоҳи "Магнитка"-и Санкт-Петербург касони номаълум ба нишони эътироз ба тоҷирони он сурати нишонаи фашистиро кашиданд. Прокуратураи шаҳр зимни тафтишот муайян намуд, ки сокини 81-солаи шаҳр Равза Галимова,пиразане, ки маҳрумиятҳои муҳосираи Ленинградро аз сар гузаронидааст, гуноҳ надошт.*

# БЕИНСОФӢ БОИСИ МАРГИ ПИРАЗАН

**ИН воқеаи нангин чунин сурат гирифтааст: Ҳангоми харидии озуқаворӣ нозири мағозаи супермаркети "Магнит" дар бағоҷи ӯ се бастаи равғанро дида, ӯро ба дуздӣ муттаҳам менамояд. Ҳарчанд Р.Галимова узр хостааст, ки аз пирӣ фаромӯш кардааст ва бо дастони ларзон пул баровардааст, ки ҳисобӣ кунад, нозир ба ин гуфтаи харидори доимӣ аҳамият надода, ба пулис мурочиат мекунад. Дар навбати худ пулис пиразанро ба дафтари корӣ мебарад. Кампир худро басо шармзадаву таҳқирдида эҳсос мекунад ва ҳангоме, ки ӯро ба даромадгоҳи дафтари пулис ворид мекунанд, дилаш суст мешавад. Кормандони пулис пизишкро даъват мекунанд. Вале аллакай фоида надошт. Табибон ошкор намуданд, ки қалби пиразани 81-сола, касе, ки тамоми маҳрумиятҳои муҳосираи 900-рӯзаи фашистонро мардонавор паси сар карда буд, ба ин беинсофии тоҷирони замонаи осоиш тоб наоварда, аз тапидан мондааст.**

**Аз натиҷаи санҷиш ёвари калони прокурори Санкт-Петербург Марина Николаева изҳорот дода гуфт, ки равғанро дуздидани пиразан исбот нашуд. Ӯ бегуноҳ буд. Бо ин сабаб парвандаи ҷиноӣ бо қисми 1 моддаи 109 Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия - аз беэҳтиётӣ ба марг расондан оғоз карда шудааст. Аз ҷониби худ, раёсати тафтишоти пулиси шаҳр дар амали кормандони низомӣ камбудӣ наёфтааст. Фоҷиа аз беинсофии кормандони фурӯшгоҳ сар задааст. Тибқи гуфтаи барномаи шабакаи радиоии "Говорит Москва", соҳибмулки фурӯшгоҳ Сергей Галицкий бо рӯзноманигорон дар аввал бо афсӯс сухан меронд, вале баъдан аз худ рафта дағалӣ зоҳир намуд ва онҳоро дашном ҳам дода, талаб намудааст, ки бемаззагиро бас кунанд.**

**Сокинони Русия аз ин ҳодиса ба ғазаб омада, аз ҷумла аъзои Палатаи ҷамъиятӣ таҳқиқи пурраи қазияро мехоҳанд. Бархе талаб мекунанд, ки дигар аз ин фурӯшгоҳи наҳсовар мавод нахаранд, ба соҳибмулк бошад, пешниҳод менамоянд, ки номи шабакаи тиҷоратиашро дигар кунад. Рӯзноманигорони Русия ба ёд оварданд, ки чунин беинсофӣ қаблан ҳам рух дода буд. Чор сол пеш дар гипермаркети "Линия" дар ш.Воронеж посбонҳо муштарии 70-сола Нина Мартыноваро дастгир намуданд, ки барои дуздидани ду панири арзиши ҳар кадом 5-рублӣ гумонбар шуда буд. Пиразан муштарии доимии ин фурӯшгоҳ буда, одатан ширу нон мехарид. Вақте ки посбонҳо аз ӯ таҳқиромез талаб карданд, ки ҷайбҳояшро холӣ кунад, ҳоли пиразан бад шуда, аз ҳуш рафт. Таҳқиқи тиббӣ нишон дод, ки зан бо сактаи қалб зан ба ҳалокат расидааст. Ӯ як умр ҳалолу покиза зиста буд ва ба ин таҳқир дилаш тоб оварда натавонист.**

**Намояндаи кумитаи тафтишоти Русия аз сухани шиносҳои пиразан мегӯянд, ки Нина Мартынова ҳеҷ гоҳ даст ба дуздӣ намезад, танҳо шояд аз пирӣ ё ташвиши рӯзгор саросема шуда, ду панирча гирифтанашро фаромӯш карда бошад. Ба ҳар ҳол, фурӯшандагон набояд чунин беинсоф бошанд...**

**Вобаста ба марги пиразани нафақахӯр парвандаи ҷиноятӣ боз шуд, вале муфаттишон пас аз дидани навори сабт ба хулосае омаданд, ки муҳофизони фурӯшгоҳ бегуноҳанд. Маълум корест, вақте ки барои даҳ рубл метавонанд пиразани беҳимояро ба ҳалокат расонанд, бо ришвае халос кардани худ ҳеҷ мушкилӣ надорад.**

**Дар ин робита, дастурҳои Сарвари давлати мо Эмомалӣ Раҳмон оид ба ғамхории пайваста дар ҳаққи пирон ва эҳтиёҷмандон басо гаронбаҳо буда, месазад, ки тоҷирони рус ба чунин ташаббусҳо пайравӣ намоянд. Бовар дорем, ки агар ба ҷойи онҳо фурӯшандагони тоҷик мебуданд, ба хотири кори хайр бо ин пиразанҳои фурӯтан ҷанҷол накарда, балки ба онҳо нону равғану қанд барин маводи озуқаро ҳадя дода, дуояшонро мегирифтанд.**

# ПЕРМЯКОВ БЕМОР АСТ?

***Куштори пурсарусадое, ки 12 январ дар шаҳри Гумрии Арманистон ба вуҷуд омад, ташреҳи гуногун ёфт ва рӯзҳои охир сари он қарор гирифт, ки аскари артиши дар Арманистон будаи Русия В.Премяков мубталои бемории рӯҳист. Бархе ба фарзанди рӯҳонии рус буданаш ишора карда, сирри куштори ӯро эҳтимолан чун ҳадафи динии ӯ маънидод карданд. Вале шарҳи минбаъда ҷанбаи дигар гирифт. Ахиран Кумитаи тафтишоти Арманистон ба қисми ҳарбии Русия дархост додааст, ки гувоҳномаи санҷиши тиббии ӯро барои таҳқиқ диҳад.***

**ҚАБЛАН** дар чанде аз таҳқиқоти журналистӣ эҳтимоли ба бемории рӯҳӣ гирифтор будани Пермяков зикр гашта буд. Аз ҷумла, телевизионии LifeNews бо истинод ба сарчашмаҳои худӣ хабаре интишор намуд, ки ин аскарбача пас аз даъват ба хидмат дар моҳи май ба шуъбаи бемориҳои асаби госпитали ҳарбӣ хобонда шуда, то охири июн табобат гирифтааст. "Газета.-ру" менависад, ки ҳанӯз то интиқол шудан ба Арманистон, ҳангоми хидмат Пермяков қисми ҳарбии воқеъ дар Русияро низ худсарона тарк намуда буд. Дигар сарчашма менависад, ки ӯ ба бемории рӯҳии олигофрения гирифтор будааст.

Дар айни замон сардори он комиссариати ҳарбӣ, ки Пермяков аз санҷиши тиббӣ гузашта буд, исрор менамояд, ки ҷавон солим ва ба хидмати ҳарбӣ мувофиқ буд. Ӯ хабар медиҳад, ки пас аз оғози хидмат аскарбача ба унвони ҳарбӣ сазовор гардид ва ба гумон аст, ки ӯ мувоҷеҳи бемории асаб бошад. Дар навбати худ, дар қисми ҳарбӣ, ки ӯро ба Гумрӣ фиристодаанд, тасдиқ мекунанд ки, Валерий Пермяков дарвоқеъ, дар қисми тиббӣ табобат гирифта буд, вале пас аз муолиҷа бо дараҷаи А-1 ҷавоб дода шудааст. Бо вуҷуди ин, нисбат ба намояндаи комиссариати ҳарбӣ ва сардори қисми ҳарбӣ тибқи қонун парванда кушода шудааст.

Валерий Пермяков 15 майи соли 2014 аз шаҳри Балей ба Чита ва пасон 3 декабр ба қисми ҳарбии Гумрии Арманистон интиқол дода шудааст. 12 январ аз он қисми ҳарбӣ бо автомат баромада, ба деҳаи наздиктарин, ба хонаи шаҳрванд Сергей Аветисян даромада, об мепурсад. Баъд гӯё ба хотири махфӣ мондани сирри фирори худ аз қисми ҳарбӣ, соҳиби 53-солаи хона, завҷаи 51-солаи ӯ Асмик, писари 33-солаи онҳо Армен, духтари 35-солаашон Аида, келини 22-солаашон Араксий, набераи қариб дусолаашон Асмикро мепарронад. Ҳангоми нишон гирифтани набераи шашмоҳаашон Серёжа тири автомат намебарояд ва Пермяков ба тани ӯ бо ханҷари автомат зарба зада, нимкушта кард. Тифл баъдан дар бемористон ҳалок шуд.

Ин ҳодиса боиси ошӯби сокинони Арманистон гардида, фавран тарк намудани нерӯи ҳарбии Русияро талаб намуданд. Вале созмонҳои ҷамъиятӣ бо шарти дар Арманистон баргузор шудани суди Пермяков мардумро ором намуданд.

Алъон мақомоти тафтишотии Русия парвандаи ҷиноятиро нисбат ба В.Пермяков оид ба тарк намудани қисми ҳарбӣ оғоз намудааст. Аз ҷониби худ, Кумитаи тафтишотии Арманистон нисбат ба қатли аҳли оилаи Аветисян парванда боз кардааст. Мурофиа мувофиқи маслиҳат, дар суди ҳарбии гарнизони пойгоҳи 102 ҳарбии Русия дар Арманистон баргузор мешавад.

**Ҷ.ҚУДДУС**

Минбари халқ
11 феврали соли 2015,
№7 (986)

# МУШТОҚИ ДИДОРЕМ, АЙ ҲАМВАТАН!

***Бо мақсади амалӣ намудани Барномаи ҳамкории Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо муҳоҷирон, ҷалби онҳо ба маъракаи интихоботӣ ва таблиги ҳадафу нақшаҳои ҳизб гурӯҳи калони фаъолон ва таблиготчиёни ҲХДТ ба шаҳру вилоятҳои Федератсияи Русия рафта, бо ҳамватанонамон вохӯрию мулоқотҳо гузарониданд.***

***Дар робита ба ин иқдоми муфид мухбирамон бо яке аз фаъолон ва таблиготчиёни ҳизб, корманди масъули Дастгоҳи иҷроияи Президенти Тоҷикистон олим ва муҳаққиқ Тоҳир Рашид, ки дар ҳайати гурӯҳи корӣ ба минтақаи Урали Русия сафари корӣ анҷом додааст, вохӯрда, ба ӯ бо чанд савол муроҷиат кард, ки муҳтавои мухтасари онро манзури хонандагони ҳафтанома менамоем.***

***-Нахуст бояд тазаккур дод, ки роҳбарияти Ҳукумати кишвар ва ҳам Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамеша дар ҷараёни фаъолияту ҳалли мушкилоти муҳоҷирони меҳнатӣ қарор доранд гуфт, дар огози суҳбат Тоҳир Рашид. -Намояндагони воломақоми ҳукумати кишвар, роҳбарони вазорату идораҳои дахлдор ва шахсан худи Ҷаноби Олӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми сафарҳои корӣ ба Федератсияи Русия ҳатман бо муҳоҷирони меҳнатии тоҷик мулоқотҳо анҷом медиҳанд. Тибқи барномаи алоҳида бошад, гурӯҳҳои кории ҲХДТ, ки аз ҳисоби кормандони масъули ҳизбӣ ва ташкилотҳои ҲХДТ дар саросари мамлакат сомон дода мешаванд, пайваста ба назди муҳоҷирон меравand ва доир ба пешрафтҳои кишвар, дигаргуниҳои тоза, ободию осудагии мамлакат ва дастовардҳои солҳои истиқлолияти давлатии Тоҷикистон маҳфилу суҳбатҳо мероянд.***



**-Сафари шумо чӣ гуна ва дар кадом доира сурат гирифт?**

-Сафари кории мо тибқи нақшаи чорабиниҳои Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ба кишварҳои хориҷӣ, ки ба таърихи 31-уми декабри соли 2014 аз ҷониби Раиси муаззами ҲХДТ Эмомалӣ Раҳмон тасдиқ шудааст,анҷом пазируфт. Дар гурӯҳи мо боз яке аз фаъолони ҳизб Меъроҷиддин Ҳасанов,сардори раёсати хадамоти назорати давлатии фитосанитарӣ ва карантинии растаниҳои вилояти Хатлон низ буд. Мо аз таърихи 25-уми январ то 4-уми феврали соли 2015 дар минтақаи Урали Федератсияи Русия карор доштем.

Моро дар шаҳри Екатеринбург, ки маркази минтақаи Урали ФР мебошад, Консули генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш. Екатеринбург С. Сафаров ва намояндаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар минтақаи Урали ФР М. Ҳошимов истиқбол гирифта, ҳамроҳӣ карданд.

**-Барномаи сафари шумо фарогири кадом масъалаҳо буд?**

-Вазифаи мо аз он иборат буд, ки бо шаҳрвандони тоҷиктабор ва муҳоҷирони меҳнатии ин минтақа ҳарчи бештар вохӯрию мулоқотҳо гузаронда, вазъи сиёсию иҷтимоии Тоҷикистонро фаҳмонем ва нуктаҳои Паёми солонаи Президенти ҶТ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муаррифӣ карда дигаргуниҳои солҳои охирро дар бахшҳои иқтисодию иҷтимоӣ, маорифу тандурустӣ, илму фарҳангу варзиш ва дин шарҳу эзоҳ диҳем.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо аз тариқи суханрониҳо ва ҳам паёмҳои солонаашон таъкид менамоянд, ки муҳоҷирони меҳнатӣ ҳуқуқи комил доранд, ки дар ҷараёни таҳаввулотҳои Тоҷикистон бошанд ва аз дастоварду пешрафтҳои Ватани азиз, мақому манзалати кишвари маҳбубашон дар арсаи ҷаҳонӣ ифтихор дошта бошанд.

**-Вохӯрию мулоқотҳо чӣ тавр сурат гирифтанд?**

-Бояд гуфт, ки дар айни замон дар минтақаи Урали ФР қариб 500 ҳазор муҳоҷирони тоҷик кор ва фаъолият мекунанд. Мо муштаракан бо Консули генералии ҶТ дар шаҳри Екатеринбург С. Сафаров ва намояндаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ М. Ҳошимов дар маҷмӯъ 15 вохӯрӣ ва мулоқот гузарондем, ки теъдоди иштирокчиёни ҳар кадоми ин вохӯриҳо аз 50 то 300 нафарро ташкил мекард. Дар вохӯриҳо иштирокчиён аз намояндагони касбу кори гуногун, яъне аз коргароне ибораt буданд, ки бо корҳои сохтмон, дар заводу фабрика ва сеххо, корхонаҳои роҳсозӣ ва ғайра фаъолият мекунанд. Мо бо соҳибкорон ва тоҷирон, коргарони базаҳои фурӯши меваю сабзавот, гармхонаҳои сабзавотпарварӣ, аҳли зиё, инчунин бо роҳбарони ҷамъиятҳои (диаспораҳо)тоҷик ва ҷомеаҳои бурунмарзии тоҷикон ходимони тоҷиктабори дин ва табибон суҳбатҳои ҷолибу хотирмон доир намудем.

**-Масъулини сафорату консулгариҳо, намояндаҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Тоҷикистон, ки дар Русия мустақар ҳастанд, то куҷо бо муҳоҷирон ҳамкорӣ мекунанд ва дар ҷараёни мушкилоти онҳо мебошанд?**

-Аз муомилаю муносибати тарафайн маълум мешавад, ки робитаҳо ва ҳамкориҳои дуҷониба ҷавобгӯи талабот мебошад. Мавриди вохӯриҳо муайян гардид, ки Консули генералии ҶТ дар шаҳри Екатеринбург С. Сафаров ва намояндаи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии ҶТ дар минтақаи Урали ФР М. Ҳошимов бо муҳоҷирони тоҷик ва роҳбарони ҷамъиятҳои тоҷикони бурунмарзӣ корро дар сатҳи хуб роҳандозӣ намуда, дар ҳамаи шаҳру ноҳияҳо бо онҳо муносибатҳои зичи кориро дуруст ба роҳ мондаанд.

Вохӯриҳое, ки дар масҷидҳои ҷомеи тоҷиктаборон, воқеъ дар кӯчаи Репини шаҳри Екатеринбург (сархатибаш Мирзо Муминов) масҷиди Сурхи шаҳри Челябинск (сархатибаш Ширин Ховаршоев)ва дар масҷиди панҷвақтаи шаҳри Тюмен (сархатибаш Абдуқаҳҳор Наврӯзов) барпо гардиданд, хеле ҷолибу хотирмон ва пурмуҳтаво буданд. Дар ҳар кадоми ин мулоқотҳо зиёда аз 300 нафарӣ иштирок доштанд. Онҳо ба намояндагони Тоҷикистон, ҳамшаҳриҳои худ арзи сипос карда, дастаҷамъона хоҳиш намуданд, ки сипосу миннатдории онҳоро ба вазоратҳои дахлдор расонанд. Зеро ки онҳо ба тамоми шаҳру ноҳияҳои минтақаҳои Русия рафта, ба таъмин намудани ҳуҷҷатҳои зарурии муҳоҷирон(-шиносномаҳои хориҷӣ, патенти корӣ) ва ҳалли дигар мушкилоти онҳо машғул мебошанд.

**-Дар ин минтақа асосан намояндагони кадом касбу ихтисос ва минтақаҳои кишвар кору иқомат доранд?**

-Дар минтақаи мазкур муҳоҷирони тоҷик аз ҳамаи маҳалҳои Тоҷикистон вилоятҳои Суғд, Хатлон, Кӯҳистони Бадахшону водии Рашт ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ кор ва фаъолият мекунанд. Мавриди зикр аст, ки дар ин минтақа зиёда аз 30 нафар табибони ботаҷриба дар беморхонаҳои гуногун адои вазифа карда истодаанд. Дар шаҳрҳои калони ин минтақа ба шумули Екатеринбург, Челябинск ва Тюмен чор масҷиди ҷомеъ ҳаст, ки рӯзҳои ҷумъа дар онҳо зиёда аз 1000 нафарӣ намозхонон ҷамъ мешаванд, ки аксарияташон муҳоҷирони тоҷик мебошанд.

Дар ҷараёни мулоқоту вохӯриҳо бо муҳоҷирон, ки баъзан дар масҷидҳо сурат мегирифтанд, маълум мегардид, ки онҳо бо як эҳсоси баланд ба вазъи динии Тоҷикистон таваҷҷӯҳ доранд, бинобар ин аз рушди дину аркони он пурсон мешуданд. Гурӯҳи мо дарк намуд, ки пештар аз мо мо ҳам намояндагони дигар ҳизбу ҳаракатҳо бо муҳоҷирон вохӯриҳо анҷом дода, воқеияти феълии Тоҷикистонро таҳриф мекардаанд.

Бинобар ин мо тибқи хоҳиши беш аз 30 нафар ходимони дин дар алоҳидагӣ бо онҳо мулоқот намудем. Бори дигар вазъи динии Тоҷикистонро шарҳу эзоҳ дода, мутобиқати талаботҳои қонунҳои мавҷударо бо фармудаҳои шариати ислом бо далелҳои қотеъ фаҳмондем ва ба ҳамаи саволҳои онҳо ҷавобҳои қаноатбахш додем. Баъди мулоқоти мазкур дар намози рӯзи ҷумъа ҳамаи сархатибони масҷидҳои номбурда, ки дар ҳар кадом беш аз ҳазор нафарӣ намозхон иштирок доштанд, миннатдорӣ ва арзу сипоси худро нисбати Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сиёсати пешгирифтаашон изҳор намуданд.

Мо ҳамчунин дар дигар чорабиниҳои худи муҳоҷирон ва мусобиқоти варзишии дар шаҳрҳои Русия баргузоршуда иштирок мекардем. Масалан, зимни сафар дар шаҳри Челябинск дар мусобиқаи бозиҳои тан ба тан (тайский бокс), ки дар он ду нафар варзишгари тоҷик низ иштирок намуда, яке аз онҳо ғалаба ба даст оварда, сазовори Ҷоми сабқати мазкур гардид, банда ҳамчун намояндаи ҲХДТ ҷомро тақдим намудам.

**-Аз мулоқоту вохӯриҳо чӣ хулоса бардоштед?**

-Мо дар ҷараёни сафари корӣ аз омӯзиши мулоқоту вохӯриҳо ва саволу ҷавобҳо ва умуман фазои мавҷуда, ба хулосае омадем, ки назару ақида ва мафкураи муҳоҷирон яксону якмаром нест. Зеро ки бештари муҳоҷирон дар солҳои нооромии ҷумҳурӣ ба Русия муҳоҷир шудаанд. Аз ин рӯ баъзеи онҳо аз вазъи воқеии рушди соҳаҳои мухталифи Тоҷикистон, оромию субот ва сулҳи саросарӣ огоҳии комил надоранд. Чунин ҳолат аз "хизмати хирсона"-и баъзе намояндаҳои мухолифин низ башорат медиҳад. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳарчи бештар намояндагони вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ, аҳли зиё ва дину санъат ба назди муҳоҷирон рафта, воқеияти Тоҷикистонро фаҳмонанд. Ғайр аз ин намояндагони муҳоҷиронро ба маъракаҳои Ватан даъват намоянд.

**-Аз ҷониби муҳоҷирон ҳам ягон пешниҳоду дархост ироа шуд?**

-Бале, дар ин маврид таклифҳои ҷолиб ва муҳим баён гардиданд, ки ҳаллу фасли онҳо ба манфиати ҳам муҳоҷирон ҳасту ҳам Тоҷикистону Русия.

Масалан, пешниҳод шуд, ки ба сабаби қонунгузориҳои нави ФР дар самти муҳоҷират бояд филиалҳои бонкҳои Тоҷикистон дар минтақаҳои Русия кушода шавад. Роҳбарони диаспораҳо ва ҷамъиятҳои бурунмарзии тоҷикон дар шаҳрҳои ФР дар назди намояндагиҳои вазорату идораҳои дахлдори Тоҷикистон ба қайд гирифта шуда, ба расмият даровarda шаванд. Воситаҳои ахбори оммаи Тоҷикистон бояд корҳои фаҳмондадиҳиро барои шаҳрвандоне, ки нияти сафар ба ФР-ро доранд, пурзӯр намоянд ва ба масъалаи омӯзиши забони русӣ ва қонунҳои мавҷудаи он кишвар, ғайр аз ин ба пур кардани ҳуҷҷатҳои зарурии сафар ва нархномаи онҳо эътибори аввалиндараҷа дода шавад.

**-Ташаккур!**

*Нигориши* **Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*

*Имрӯзҳо дар ҳар кӯчаю паскӯча як дорухона мавҷуд аст ва вақте ки вориди он мешавед, ҳатман мардуми зиёд ба назар мерасанд, ки дар навбат истодаанд. Мутаасифона, имрӯз барои мардуми мо дору ба ғизо табдил ёфтааст. Агар дар аҳди Шӯравӣ дар як шаҳр ду-се дорухона мавҷуд буд, имрӯз теъдоди онҳо аз даҳҳо адад бештар аст.*

# ДОРУ БАРОИ ТАБОБАТ Ё ТИҶОРАТ?

ЗИЁД донистан мехоҳем, ки доруҳо ба бемор манфиат мебахшад ё бештар ба худи духтур? Вале ин суолест, ки ҳамчун муаммо боқӣ мемонад.

Рӯзе як шиносам дар беморхона бистарӣ шуд. Арзиши доруҳои фармудаи духтур ба 750-800 сомонӣ баробар шудааст. Пеш аз харидани доруҳои тавсияшуда, як нафар духтури шиносаш, ки дорусоз будааст, ба аёдати ӯ меояд ва мефаҳмонад, ки баъзеи духтурҳо ба беморон доруҳои гаронарзишро мефармоянд ва аз ин ҳисоб ҷайби худро пур мекунанд. Дорушинос ба бемор маслиҳат медиҳад, ки доруҳои тавсиянамудаи духтуронро нахарад ва ба ҷои онҳо бо нархи арзон доруҳои дигарро бигирад, ки аз доруҳои фармоишшуда ҳеҷ тафовут надоранд.

Ин бемор мегӯяд: "Дар аввал розӣ нашудам, ки доруҳои фармудаи духтуро иваз кунам. Фикр кардам шояд сифати онҳо беҳтар бошад. Вақте ба дорухона рафтем, дастурамали доруҳоро хондам, дарк намудам, ки тақрибан аз якдигар тафовут надоранд. Аммо арзишашон аз замин то осмон фарқ дошт. Баъд бо маслиҳати он дӯсти коршинос доруҳоро иваз намудам, ки арзишашон ду баробар арзон буд".

Фаразан духтур ба ин бемор, доруи **Вегасефт** тавсия намудааст, ки як донааш (флакон) дар як рӯз истифода мешавад, 12 сомонӣ арзиш дорад. Вале ӯ бо тавсияи духтури шиносаш ба ҷои он **Сефтраксион** мегирад, ки як донааш 3,5-4 сомонӣ нарх дорад. Таркиби ин ду дору аз якдигар тафовут надорад, аммо нархҳояшон аз замин то осмон фарқ мекунад. Масалан, агар 7 рӯз Вегасефт истифода баред, 168 сомонӣ масраф мешавад, вале агар дар ин муддат табибон сӯзандоруи Сефтраксион гузаронанд, ҳамагӣ 56 сомонӣ харҷ хоҳад шуд, ки дар ин сурат бемор 112 сомонии худро сарфа мекунад. Дар ҳоли истифодаи **Клафоран** бошад, 322 сомонӣ масраф мешавад, ки ҳатто қобили қиёс нест.

Доруи дигаре, ки ба ин бемор тавсия шудааст, **Амлипин** ном дорад, ки таркибаш аз омехтаи **Омлодипин** ва **Лизоноприл** иборат асту каме хусусиятҳои фарқкунанда низ дорад. Аммо ба ҷои Амлипин, ки як бастааш (5 мг) 71 сомонӣ арзиш дорад, Омлодипин ва Лизоноприл гирифтааст, ки ҳардуро бар ивази 18 сомонӣ харидааст.

Ҳамин тариқ, ин бемор бо маслиҳати дорусози ошнояш доруҳои тавсиянамудаи духтурро иваз намуда, ба ҷои он ҳама доруи қимат бо нархи арзонтар дигар доруҳоро мегиранд, ки натиҷаи хуб нишон медиҳад.

Ин бемор баъд аз он, ки аз вазъият огоҳ мешавад, ба як бемори дигари ҳампалатаи худ маслиҳат медиҳад. Ӯ низ дар навбати аввал намехоҳад, ки доруҳои тавсиянамудаи духтурро иваз кунад. Аммо писараш, ки дорусоз будааст, сухани ин беморро тасдиқ мекунаду ба ҷои доруҳои гаронарзиши фармудаи духтур доруҳои камарзишро мегирад.



Баъд аз чанд рӯзи мураххасшавии бемор, як ҳамшираи шафқат ба ӯ тамос гирифта мепурсад:

**-Ако Шумо сиҳат шудед?**

-Худоро шукр, хеле беҳтар .

**-Ако Шумо ҳамон доруҳои фармудаи духтурро гирифтед охир?**

-Чӣ буд? Ин ба сиҳатии ман чӣ иртибот дорад?

**-Дақиқан мегуфтед, ки кадом доруҳои таъиншударо аз куҷо гирифтед? Духтур хоҳиш карданд, ки фаҳмам...**

- Хоҳар, Шумо ва духтур аз ин чӣ манфиат доред, ки зиёд аз ман суол мекунед? Ё шояд аз доруфурӯшон ҳанӯз саҳми худро нарӯёнидаед?

Баъд аз чанд лаҳзаи хомӯшӣ телефон қатъ мешавад.

Аз ин ҷо бармеояд, ки барои баъзе духтурон сиҳатии бемор нею ба фурӯш рафтани доруҳои тавсиянамудаашон муҳим будааст.

Имрӯз сатҳи зиндагии мардум он қадар баланд нест, ки вақте бемор шаванд, доруҳои ширкатҳои хориҷии алоҳидаро, ки нархи миёншикан доранд, харида тавонанд. Лекин вақте ба беморхона меафтанд, маҷбур мешаванд, ки бо тавсияи баъзе табибони бо ширкатҳои мазкур шартнома дошта, қарз гирифта ин доруҳоро бигиранд. Аксарияти онҳо, ки аз "илм"-и муосири тиб огоҳ нестанд, ба доми тазвири псевдотабибон меафтанд ва ба ҷои доруҳои арзонтари аслӣ доруҳои қиматашон гаронро, ки бо андак тағйири ном ба бозор мебароянд, харидорӣ кардаву хонасалот мешаванд.

Гузашта аз ин доктори илмҳои тиб, профессор Павел Воробёв пас аз анҷоми як тадқиқот рӯйхати теъдоди доруҳои бефоида ва нолозимро, ки то имрӯз духтурон ба беморон тавсия медиҳанд, гирд оварда, гуфтааст: **"Дар бозори дорувории Русия доруҳои бефоида ва нолозим аз 30 фоиз кам нест."**

Ин тадқиқот чанд сол қабл анҷом дода шудааст. Ба гуфтаи ин профессор дар бозори дорувории Русия доруҳое, ки фоидаи онҳо ба таври лозимӣ аз ташхиси клиникӣ нагузаштаанд, харидори зиёд доранд. Истеҳсолкунандагони бузурги доруҳо аллакай медонанд, ки барои бо муваффақият фурӯхтани ин ё он намуди доруҳо фоидабахш будани онҳо муҳим нест. Барои онҳо, ба ҷойи доруҳояшонро аз ташхис гузаронидан, маблағро ба кисаҳои мансабдорони мақомоти назоратии соҳа ва таблиғот сарф намудан ба маротиб манфиатовар будааст.

Ин ҳам дар ҳолест, ки як қисми доруҳо ба Тоҷикистон аз Русия ворид карда мешаванд. Табиист, ки он ҳама доруи нолозим, ки дар бозори дорувории Русия дар гардиш аст, ба осонӣ ба кишвари мо интиқол дода мешаванд. Чаро имрӯз касе дар ин бора ҳарф намезанд? Чаро ниҳодҳои дахлдори мо наметавонанд як тадқиқоти густурдае доир ба ин қазия анҷом бидиҳанд?

Чаро касе дақиқ кардан намехоҳад, ки табибон аз таъини доруҳои гаронарзиш чӣ манфиат медида бошанд?

Албатта, мо мутахассиси соҳаи тиб нестем, аммо бо бовари том гуфта метавонем, ки ҳар чизе шунида будему мушоҳида кардаем, то андозае ҳақиқат дорад. Табиист, ки ин овозаҳо ба гӯши ҳар яки мо мерасанд, ки гӯиё баъзе духтурҳо бо бархе аз ширкатҳои доруфурӯшӣ шартнома дошта, манфиатдоранд. Баъзе табибон барои хизмат дар назди ширкатҳои доруфурӯшӣ тӯҳфаҳои пулӣ ё молӣ мисли телефонҳои мобиливу планшет мегиранд. Нафси аммора онҳоро водор месозад, ки халқи худро қурбони ҳадафҳои тиҷоратии ширкатҳои дорусозии хориҷӣ кунанд. Пас чаро ниҳодҳои дахлдор, ки худро ҳомии ҳуқуқҳои мардум мешуморанд, хомӯширо ихтиёр кардаанд?

Бояд барои пешгирӣ намудани ин амали баъзе аз духтурони манфиатдор, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиддан машғул шаванд. Зеро пеш аз ҳама ин амали зишти онҳо ба генофонди миллат зарба мезанад, ки бахшиданӣ нест. Дигар ин, ки мардуми нодорро боз нодортар мекунанд. Имрӯз кор то ба ҷое расидааст, ки мардум аз беморхона рафтан метарсанд, чунки маблағашон намерасад. Ҳолатҳое мешаванд, ки мардуми камбизоат аз тарси гаронии нархи дору кӯдакони беморашонро ба муоинаи табиб намебаранд ва ба умеди табобати бобоӣ ба ҷони онҳо зомин мешаванд.

Биёед як бор андеша кунем. Оё мо имрӯз ба хотири қонеъ кардани нафс теша ба решаи худ намезанем?

***Дар фарҷоми матлаб бо ишора ба тадқиқоти Павел Воробёв номгӯи камтарини доруҳои нолозимеро, ки фоидабахш буданашон исбот нашудааст ва бо вуҷуди он аз тарафи духтурон тавсия дода мешаванд, ба маҳзари ом мегузорем:***

**Актовегин, Тсеребролизин ва Солкосерил**

Тсеребролизин барои беҳтар намудани кори майнаи сар тавсия дода мешавад. Аммо дар Русия ва Хитой ин доруро бештар барои табобати фишори ишимикӣ истифода мебаранд. Соли 2010 ташкилоти машҳури **"Cochrane Collaboration"**, ки тадқиқоти тиббӣ мегузаронад, хулосаи ташхиси клиникии Тсеребролизинро, ки аз тарафи табибон Л. Зиганшина, Т. Абукамова ва А. Кучева гузаронида шудааст чоп намуд: ***"Мувофиқи хулосаи ташхиси анҷомдодашуда, аз миёни 146 нафаре, ки серебролизинро истеъмол мекарданд, ба ягон нафарашон фоида набахшидааст"***.

**Актовегин** аз ташхиси пурра ва бетарафонаи GCP нагузаштааст. Дар Аврупои Ғарбӣ ва ШМА Актовегин тавсия дода намешавад. Дар ҳамин ҳол дар Русия Актовегинро дар занҳои ҳомила ва баъд аз таваллуд, дар бемории сӯхтагӣ, бахудоии баъд аз дилзанӣ ва фишорбаландӣ тавсия медиҳанд.

саҳ. 13

Минбари халқ
11 феврали соли 2015,
№7 (986)

# МАРГТАЛАБИЮ
# ХУДКУШӢ ГУНОҲ АСТ



*(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)*

### АФЗОИШИ ХУДКУШӢ МИЁНИ НОБОЛИҒОН МОЯИ НИГАРОНИСТ

Дар рӯзҳои аввали соли 2015 хабари даст ба худкушӣ задани духтари ноболиғ М. Т. дар деҳаи Олтинсойи ноҳияи Носири Хусрав тамоми мардуми деҳаро ҳайратзада кард. М. Т. дар синфи 10 мехонд ва бо донишу малака ва рафтори хубаш дар байни ҳамсинфон яке аз хонандаҳои намунавӣ ба ҳисоб мерафт.

Аммо ба қавли Сунатулло Ҷобиров, нозири гурӯҳи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ байни ноболиғону ҷавонони шуъбаи Вазорати корҳои дохилӣ дар ноҳияи Носири Хусрав, М. Т. тариқи овехтан даст ба худкушӣ задааст. "Аз рӯйи маълумоти пешакие, ки ба дасти мо расидааст, М. Т. аз майнӯшиҳои пайвастаи падараш ва ҷангу хархашаҳо миёни волидон ҷон ба лаб шуда, ягона роҳи халосиро дар худкушӣ дидааст", - зикр кард С. Ҷобиров.

Дар ҳамин ҳол, Ойбаҳор Сафарова, омӯзгори духтари ҳалокшуда, мегӯяд, ки Абдуназар Т., падари М. Т., ҳамарӯза дар кӯҳ сангҳоро майда карда, ба харидорон мефурӯхт ва модари М. Т. хонашин аст. "Сатҳи зиндагии оилааш начандон хуб буд ва ин равиши зиндагонӣ имкон дода наметавонад, ки Абдуназар Т. майпараст бошад, чунки бо маблағи бадастовардааш зиндагиашро ба зӯр таъмин карда метавонист", - афзуд ӯ. Яъне ҳанӯз ҳам иллати аслии марги М.Т. норӯшан боқӣ мемонад.

**Мисоли дигар:** М. духтари 16-сола аз шаҳри Қӯрғонтеппа, аз ҷумлаи даҳҳо ноболиғест, ки қасди худкушӣ кардааст. Модари М. ҳангоме ки сигоркашии духтари мактабхонашро мебинад, ӯро сарзаниш мекунад. Аммо М., ки духтари хурдии хонавода ва ба истилоҳи мардумӣ, "эрка" калон шудааст, дар посух ба сарзаниши модар бо корд се дафъа ба шиками худ зада, аз тирезаи манзили истиқоматиаш, аз ошёнаи 2-юми бино худро ба замин сарозер мекунад. Бо ин вуҷуд, ки М. ҷароҳати сангини ҷисмонӣ мебардорад, ба бахти волидонаш, ҷон ба саломат мебарад.

Ба ин монанд ноболиғону ҷавононе ҳам ҳастанд, ки танҳо ба хотири тарс додани волидони худ қасди худкушӣ мекунанд, аммо аз беэҳтиётӣ ба ҳалокат мерасанд. А. духтари 18-сола аз ноҳияи Панҷ, аз ҷумлаи чунин афрод аст, ки сирко нӯшида, дар натиҷаи заҳролудшавӣ дар беморхонаи марказии ноҳияи Панҷ реҳлат кардааст. Сабаби худкушии ӯ ин будааст, ки гӯё баъди хатми мактаб волидонаш натавонистаанд ӯро ба донишгоҳ шомил кунанд.

Дар баробари калонсолон ба ин амали номатлуб даст задани наврасон баҳсу баррасиҳоеро бар сари омилҳои ин тамоюл ба вуҷуд овардааст. Фарзияҳои расмӣ (маълумоти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ) шаҳодати онанд, ки аксари ноболиғон асосан бо сабаби нопарвару эрка тарбият ёфтанашон ба мушкилоти рӯзгор ва танбеҳи падару модари худ тоб наоварда, қасди худкушӣ мекунанд.

Ҳанӯз Расули акрам (с) дар замони худ ба масъулияти волидон дар таълиму тарбияи фарзандон таъкид карда буд. Қарзу фарзи волидон аст, ки онҳо фарзандони худро тарбияи хубу шоиста диҳанд, илм омӯзанд ва барояшон аз ҳалолу ҳаром, гуноҳу савоб, маданият ва ходобӣ дарс гӯянд. Қонун "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ҳам инро тақозо мекунад. Аммо, мутаассифона, имрӯз мо ба тарбияи фарзандони хеш кам машғул мешавем, дар хона барои суҳбат бо онҳо вақти кофӣ ҷудо намекунем. Мактаб ҳам бояд барои пешгирӣ аз чунин амалҳои номатлуб саҳми бештар гузорад. Омӯзгорон дар соатҳои тарбиявии худ кӯдаконро ба ҳаёти осоишта, зарурати илмомӯзӣ, худотарсию хештаншиносӣ ташвиқ кунанд.

Тамошои филмҳои фаҳш, вайроншавии ахлоқ ва истифодаи телефонҳои мобилиро низ аз сабабҳои афзоиши ҷинояткорӣ ва ҳатто худкушӣ дар миёни ноболиғон метавон арзёбӣ кард. Зеро чунин мисолҳо бисёранд, ки наврасе ё ҷавоне тариқи телефон бо ягон нафар робитаи дӯстӣ пайдо мекунад ва фирефта мешавад, ин ҳама бо худкушию маргталабӣ анҷом меёбад.

Фарзандони мо ба мо ниёз доранд. Бахусус, вақте падарон дар муҳоҷират ҳастанд, ё дар хона ба хушунату зӯроварӣ роҳ медиҳанд, фарзандон ҳам бинобар аз назорат ва ғамхорӣ дур мондан ба ҳар роҳ рафтанашон мумкин аст.

### ЧӢ БОЯД КАРД?

Аввалан, бояд сатҳи дониш, маданият ва ҷаҳонбинии ҷавононро баланд бардошт. Дар ин кор саҳми ВАО ҳам бояд муассиртар бошад. Раисони маҳаллаҳо вазифадоранд, ки шахсони камбизоат ва муҳтоҷро муайян карда, ба қайд гирифта, дар ҳамбастагӣ бо Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо бахри расонидани кӯмаки моддӣ ба ин шаҳрвандон ва баланд бурдани сатҳи зиндагии онҳо чораандешӣ намоянд. Ба воситаи Хадамоти шуғли аҳолӣ ва муҳоҷират масъалаи бо ҷойи кор таъмин кардани онҳоро низ дида бароянд.

Ҳамчунин роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ва омӯзгорон вазифадоранд, ки дар байни мактаббачаҳо ва донишҷӯён зуҳуроти мудҳиши худкуширо маҳкум карда, ин ҳодисаҳоро пешгирӣ намоянд.

Бо дарназардошти эътиқоди мустаҳками мардуми тоҷик ба дини мубини Ислом бояд саҳми уламо дар тарғибу ташвиқи дӯст доштани ҷону ҳаёт, нораво будани худкушӣ ва ғайра баланд бардошта шавад. Беҳтар он аст, ки ин гуна суҳбатҳо ва баромадҳо дар маҳаллаҳо, коллективҳои меҳнатӣ, муассисаҳои таълимӣ гузаронида шаванд. Ин баромадҳо муштаракан, бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, комиссияи кор бо ноболиғон, шӯрои собиқадорони ҷангу меҳнат, афроди обрӯманди ҷомеа, пиронсолони рӯзгордида, кормандони бахши кор бо занон ва оила, маркази шуғли аҳолӣ, шуъбаҳои ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятиву давлатӣ гузаронида шаванд.

Ҳамчунин бо волидоне, ки дар муносибатҳои ногувор бо фарзандонашон қарор доранд, суҳбатҳо гузаронида, тавсия дода шавад, ки тарзу услубҳои муносибат бо фарзандони ноболиғро омӯзанд.

Ҳоло Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии шаҳру навоҳӣ ва ҷамоатҳои деҳотро мувазззаф кардааст, ки ба хотири ҷилавгирӣ аз ҳодисаҳои худкушӣ ва пажуҳиши сабабҳои майли ҷавонону ноболиғон ба худкушӣ гурӯҳҳои вижаи корӣ таъсис диҳанд. Бо таваҷҷуҳ ба ҷомеаи мусалмонӣ ва мазҳабгаро доштани мо ба гурӯҳҳои корӣ, аз ҷумла имомхатибон ва рӯҳониёни саршинос ҳам шомил шудаанд.

**Ҳангомаи ИСМАТ,**
**Носирҷон МАЪМУРЗОДА**

---

*Ҳаёти ҳизб*

## Дастур барои рафъи камбудиҳо

**Дар толори Вазорати нақлиёт ва коммуникатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки кормандони кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ҷаласа баргузор гардид. Дар кори он роҳбари Дастгоҳи КИМ ҲХДТ Ҷӯрахон Буриев, мудири бахши оморӣ ва ба ҳисобгирии Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб Абдураҳим Шоев иштирок намуданд. Дар ҷаласа натиҷаи омӯзиши ташкилотҳои ҳизбии шаҳри Душанбе, ки аз дастуру супоришҳои Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Анҷумани 12-уми ҳизб ҷиҳати қабули сифатноки аъзо ва шаффофияти ҳисоботҳои оморӣ бармеояд, баррасӣ гардид.**

**А. Шоев дар баромади худ паҳлуҳои фаъолияти ташкилотҳои ҳизбиро таҳлил намуда, зикр кард, ки ташкилоти ибтидоӣ асоси ҳизб буда, фаъолияти кумитаҳои иҷроияи шаҳрию ноҳиявӣ дар умум аз рӯи дастоварду камбудиҳои ташкилотҳо баҳогузорӣ мешавад.**

**Мавсуф зикр намуд, ки бо мақсади таъмини сабту қайди дақиқи аъзои ҳизб ва шаффофияти маълумоти оморӣ соли сеюм аст, ки Махзани ягонаи электронии аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ташкил гардидааст. Зимнан, оид ба ҷузъиёти ворид шудан ба Махзан аз ҷониби Дастгоҳи Кумитаи иҷроияи Марказӣ дар соли 2014 барои сохторҳои ҳизбӣ дар алоҳидагӣ семинарҳои машваратӣ ва дар рафти курси бозомӯзӣ машғулияти умумӣ доир гардида буд. То ин дам ба махзани ягонаи электронӣ аз шаҳри Душанбе аз 33790 нафар аъзои ҳизб 21 515 (яъне 63 фоиз) нафар ворид гардидаанд. Новобаста аз шароити мусоиди техникӣ, бинобар саҳлангории масъулини кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ то ҳол аъзои ҳизб ба Барнома пурра ворид карда нашудаанд.**

**Тибқи талаботи Низомномаи марбута дар ҳолати иваз шудани макони фаъолият ва ҷои зист узви ҳизб бояд ба Кумитаи иҷроия ё ташкилоти ҳизбии макони нави фаъолият бо ариза муроҷиат намуда, оид ба фаъолияти ҳизбии худ ба Кумитаи иҷроия хабар диҳад, ки ин пеш аз ҳама ба масъулияти шахсии ҳар як узви ҳизб вобастагии калон дорад, -гуфт дар идома А.Шоев.**

**Масъалаи қабули босифати аъзо яке аз самтҳои муҳими кори ташкилӣ интизоми дохилиҳизбӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ кумитаҳои иҷроияи ҳизбиро мебояд, дар бобати қабул ба узвият пеш аз ҳама ба ҳайати сифатӣ аҳамияти ҷиддӣ дода, қарорҳои ташкилотҳои ибтидоиро ҳамаҷониба таҳти назорат гирифта, барои бартараф намудани камбудиҳои солҳои пешин саъю кӯшиш кард.**

**Хусусан имрӯз дар пешорӯи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва интихоботи маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ, фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ дар панҷ соли гузашта натиҷагирӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, дар ҷаласа ҳамаи паҳлӯҳои фаъолияти ташкилотҳои ибтидоӣ таҳлил гардида, ба масъулин ҷиҳати бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта ва самараи фаъолияти ҳизбӣ пеш аз маъракаҳои муҳими сиёсӣ дастурҳо дода шуданд.**

**А.САФАРЗОДА**

Мизи мудаввар

*Давра ба давра зиёд шудани хариду фурӯши одам дар кишварҳои мухталиф амали нангинест, ки ҷомеаи ҷаҳониро мавриди нигаронӣ қарор медиҳад. Ба тадбирҳои амалии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ нигоҳ накарда, шиддати ин мушкилот паст нашуда, бараъкс меафзояд. Ҷомеаи Тоҷикистон аз ин офати нангбори ҳаёти рӯзмарраи инсонӣ дар канор нест. Иштирокчиёни мизи мудавваре, ки чанде қабл аз ҷониби ташкилоти ҷамъиятии "Зан ва ҷомеа" дар пойтахти мамлакат роҳандозӣ шуд, атрофи роҳҳои бартарафсозии ин мушкилот ва роҳҳои самараноки мубориза муқобили ин зуҳуроти нангин ҳарф заданд.*

# ОДАМФУРӮШӢ РӮ БА АФЗОИШ АСТ



Дар оғози чорабинӣ Муяссара Бобохонова, роҳбари ташкилоти ҷамъияти "Ассотсиатсияи зан ва ҷомеа", ки дар доираи татбиқи лоиҳаи минтақавии "Дастгирии қурбониёни хариду фурӯши одамон, муҳоҷирони меҳнатии осебпазир ва аъзои оилаи онҳо дар Осиёи Марказӣ" фаъолият менамояд, зарурияти баланд бардоштани масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳарчи бештар огаҳӣ пайдо кардани намояндагони қишрҳои ҷомеа аз чунин намуди фаъолияти ҷинояткоронаи нафарони алоҳида ҳарф зада, роҳандозӣ шудани телефони боовариро яке аз усулҳои муоширати нафарони дучори офат гардида қаламдод намуд. Фаъол шудани чунин намуди алоқа ва муоширати корафтодагон ба манзури муқовимат ба савдои одамон ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нигаронида мешавад. Телефони боварӣ бо рақами 918 85-34-34, ки аз моҳи ноябри соли 2014 бо ташаббуси ташкилоти ҷамъияти "Ассотсиатсияи зан ва ҷомеа" фаъол аст, аллакай афзалияти худро собит кардааст, хулоса менамояд М.Бобохонова.

Ғалатгул Холмаҳмадзод, оператори ин телефони боварӣ, афзалиятро дар он мебинад, ки гуфтугӯ бо телефони боварӣ маҳрамона аст ва одамон имкон доранд арзи дили худро бепарда дар миён гузоранд. - Албатта, мо дар ҳалли мушкили бевоситаи шаҳрвандон иқтидори кофӣ надорем, аммо метавон ба онҳо роҳи ҳалли масъаларо нишон дод ё вобаста ба мушкилоти ҷойдошта ба куҷо муроҷиат карданашонро тавсия дод, аз оқибатҳои муҳоҷирати кории пинҳонӣ огоҳ сохт, - мегӯяд ӯ.

Масъулони телефони боварӣ зарфи чанд моҳи фаъолияти худ шоҳиди он буданд, ки шаҳрвандони ба онҳо вобаста ба масоили муҳоҷирати корӣ бештар муроҷиат мекунанд, бахусус дар мавриди иҷозаи бозгашт ба Федератсияи Русия. Ин ҳам дар ҳолест, ки тибқи омори мавҷуда феълан беш аз 200 ҳазор муҳоҷири кории тоҷик имкони вуруд ба Федератсияи Русияро надорад ё ба ибораи маъмул "депорт" шудаанд. Танзимгарони телефони боварӣ ин нуктаро низ таъйид карданд, ки шаҳрвандон вобаста ба истисмори шаҳвониву меҳнатӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба одамрабоӣ кам муроҷиат мекунанд. Сабаби аслӣ дар он аст, ки қурбониёни хариду фурӯш ё гирифторони истисмор аз оммавӣ шудани масъала худдорӣ менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бар зидди одамрабоӣ ва ё хариду фурӯши одамон тадбирҳои ҷиддӣ роҳандозӣ шуда, ҷиҳати мубориза бо ин намуди ҷиноят корӣ заминаҳои устувори ҳуқуқӣ фароҳам гардидааст. Ҳанӯз соли 2004 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хариду фурӯши одамон" қабул гардида, заминаи асосии ҳуқуқӣ алайҳи мубориза бар зидди хариду фурӯши одамон ба шумор мерафт. Вале бо дарназардошти талаботи нави замони муосир ва вижагиҳои баамаломада дар муносибатҳои ҷамъиятӣ қонуни мазкур 26 июли соли 2014 дар таҳрири нав таҳти унвони Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба савдои одамон ва расонидани кӯмак ба қурбониёни савдои одамон" қабул гардид.

Мирзобек Ҳоҷиев, корманди Вазорати адлияи ҷумҳурӣ дар суханронии худ санади номбурдаро шарҳу тавзеҳ дода афзуд, ки қонуни нав таҷрибаи даҳсолаи қонуни қаблан амалкунандаро ҷамъбаст намуда, бо дарназардошти талаботи замони муосир ва мутобиқгардонии он ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ такмил дода шуд. Мафҳуми "Хариду фурӯши одамон" фаротар аз онест, ки дар назари аввал дарк мешавад. Зеро аксаран зери ин мафҳум истисмори шаҳвониро дар назар доранд. Ҳол он ки истисмор, ҷалбкунӣ, супурдан, пинҳонкунӣ ё гирифтани одамон бо роҳи зӯрӣ, истифодаи он ва ё дигар шаклҳои маҷбурсозӣ, дуздӣ, қаллобӣ, фиреб, сӯиистифода аз мансаб ё ҳолати заифӣ низ, дар маҷмӯъ марбути хариду фурӯши инсон шинохта мешавад. Ин ҷиноят дар Тоҷикистон умдатан дар ду шакл - қочоқи занон ва истисмори онҳо дар бозорҳои танфурӯшӣ ва истисмори нерӯи корӣ ба мушоҳида мерасад. Дар ин замина мавридҳои ба ҷавобгарӣ кашидани гурӯҳҳои ҷиноятӣ кам нестанд. Чунончи, соли гузашта суди вилояти Хатлон се зан - сокинони ноҳияи Қубодиёнро бо ҷурми қочоқи занон ба Аморати Муттаҳидаи Араб ба муҳлатҳои гуногун зиндонӣ кард.

Манбаъҳои ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳанд, ки ҳарчанд дар ҳамаи давлатҳои Осиёи Марказӣ заминаи қонунӣ барои пешгирӣ, рафъ ва додани ҷазо барои хариду фурӯши одамон мавҷуд аст, худи ҷиноят ҳамчун ҷинояти харидуфурӯши одамон кам эътироф мегардад. Ҳодисаҳои харидуфурӯши одамон аксар вақт чун дигар ҷиноятҳо, аз ҷумла вайрон намудани низоми муҳоҷират, дуздӣ (одамрабоӣ), асорати қарзӣ, меҳнати маҷбурӣ, таҷовуз, ҳуҷум, қаллобӣ, ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва шиканҷа муайян мешаванд. Ин аст, ки дар робита ба ҳодисаҳои харидуфурӯши одамон парвандаҳои ҷиноятӣ на дар асоси ин ҷинояти мушаххас, балки дар асоси дигар муқаррароти қонунгузорӣ оғоз мешаванд, ки сабаби идома ёфтани фаъолияти одамҷаллобон гардида, қурбониёни хариду фурӯшро аз бархе ҳуқуқҳояшон маҳрум месозад.

Агар дар соли 2010 амалҳои ҷиноӣ марбут ба савдои одамон 531 ҳолатро ташкил медод, ин рақам дар соли 2013 - ум ба 680 расид. Бар пояи иттилои Раёсати мубориза бар зидди ҷиноятҳои муташаккили Вазорати корҳои дохилӣ, соли 2014 беш аз 806 ҷинояти одамрабоӣ сабт шудааст. Омори мавҷуда нишон медиҳад, ки ҷиноятҳои вобаста ба харидуфурӯши одамон рӯ ба афзоиш аст ва ин раванди манфию ташвишовар метавонад ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандонро халалдор созад.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

Чашмандоз

# Дору барои табобат ё тиҷорат?

саҳ. 11

**Арбидол, Кагоцел, Алфарон, Ингарон ва Ингавирин**

Ташхисҳое, ки Арбидол аз он гузаштааст, кафолат намедиҳанд, ки ин доруро ҳамчун доруи фаъол истифода баранд. Ин дору тадқиқотгарони хориҷиро ба таври кофӣ қонеъ нагардонидааст. Созмони амрикоии "Food and Drug Administration" аз ба қайдгирии Арбидол ҳамчун доруи табобатӣ даст кашид.

Ба андешаи профессор Василий Власов Арбидол доруе мебошад, ки кам аз таҳқиқот гузаштаст. Аммо дар баробари ин Арбидолро хуб реклама мекунанд ва муштариёни зиёд дорад.

**Ингавирин** - иммуномодулятор, барои табобат ва барои пешгирӣ аз шамолхӯрӣ ва зуком истифода мешавад.

Ба гуфтаи истеҳсолкунандагон, идеяи тайёр кардани дорує, ки бо номи ингавирин машҳур аст, аввалҳои соли 1980 ба амал омадааст. Баъди ташхисҳои чандинсола фоида ва бехатарии Ингавирин нимаи солҳои 2008 ба қайд гирифта шуд. Бино ба гуфтаи В. Власов дар ҳақиқат соли 2008 маводи фаъоли доруи Витаглутам (дикарбамин) дар Русия дар фурӯш буд. Ҳамон солҳо ин дору ташхис мешуд, аммо исботи мусбии он набуд. Ингавирин соли 2008 бе ташхиси ҳамаҷониба ба бозор баромада, баъд аз чанд моҳ эпидемияи зукоми хук сар мезанад, ки боиси зиёд ба фурӯш рафтани ин дору мегардад. Бо вуҷуди он ки исботи мусбии Ингавирин зидди зуком нест, ин дору аз ҷониби Вазорати тандурустии Русия пешниҳод шуда буд. Аммо сардухтури яке аз беморхонаҳои Русия Александр Чучалин соли 2009 дар як мусоҳибааш дар маҷаллаи "Огонек" иброз намудааст: "Фаъолнокии доруи зиддивирусии Ингавирин назар ба доруи зиддивирусии амрикоии Тамифлю хеле зиёд аст ва на танҳо бар зидди вируси А/H1N1, балки зидди дигар вирусҳои хатарнок низ мубориза мебарад".

**Кокарбоксилаза, АТФ ва Рибоксин (Инозин)**

Ҳамаи ин доруҳо дар дилшиносӣ, момодоягӣ ва асабшиносӣ ба кор меоянд. Дар Русия ба тарзи фаъол истифода мешаванд, аммо дар баъзе мамлакатҳои рушдкарда бошад, истифода намешаванд. Онҳо бо ташхисҳои бузург рӯ ба рӯ нашудаанд.

Як муддат ин доруҳо ба таври кофӣ машҳур буданд, вале тадқиқоти мазкур мушаххас намудааст, ки дар ҳоли ҳозир ташхисҳои озмоишӣ фоиданокии пасти онҳоро нишон додааст.

**Линекс, Бифидумбактерин, Бифиформ, Хилак, Форте ва Примадофилус** (пробиотикҳо)

Ин доруҳоро дар аксар давлатҳои тараққиёфта бо эҳтиёт тавсия мекунанд. Дар таркиби ин пробиотикҳо бактерияҳои зиндаи гуногун вуҷуд доранд, ки миқдорашон низ гуногун аст. Аммо маълум нест, ки кадоме аз бактерияҳо воқеан ҳам манфиатоваранд ва маълум нест, ки миқдори фоиданокияшон чи қадар аст.

**Валидол**

Дар ин тадқиқот оварда шудааст, ки ин дору баробар бо як қанди пудинагӣ буда, аз илми тиб хеле дур аст. Ҳангоми дарди дилро эҳсос кардан шахс валидолро зери забонаш мегузорад, аммо ба ҷойи беҳбудӣ ёфтан бо инфаркт ба беморхона меафтад.

**Винпотсетин ва Кавинтон**

Имрӯзҳо ин доруҳо барои истифодабарӣ тавсия дода намешаванд, зеро, ягон ташхис фоидабахш будани онҳоро исбот накардааст. Дар Япония ин доруҳоро барои таъсирнок набуданашон аз фурӯш бардоштаанд.

Номгӯи дигар доруҳои нолозимеро манзур менамоем, ки аз нигоҳи профессор Павел Воробёв фоидабахш буданашон исбот нашудааст ва мутаассифона дар маҳдудаи як мақола тафсири онҳо имконпазир нест: **Отсиллококтсинум, Ноотрапил, Пиратсетам, Семакс, Тенотен, Фезам, Аминалон, Фенибут, Пантогам, Пикамилон, Мексидол, Фенотропил, Милдронат, Тималин, Тимоген, Биопарокс, Кудесан, Вобензим, Глитсин (аминокислота), Тенатен, Энерион, Гриппол, Полиоксидоний, Глиюкозамин, Хиндроитин,Корвалол, Валокардин,Тромбовазим,Танакан, Пребуктал, Тситохром, Азапентатсен, Таурин (тауфон), Эссентсиале, Ливолин, Эссенсиале Н, Мезим Форте, Ново-пассит ва Пропротен 100.**

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба дар аксар баромаду суханрониҳояш дар бораи сиҳатии миллат, ки боигарии давлат аст, ишора намуда, барои рафъи камбудиҳои ҷойдошта дастуру супоришҳо медиҳанд. Вале мутаассифона, мебинем, ки на ҳама ба дастуру супоришҳои Сарвари давлат аз рӯи виҷдон муносибат мекунанд. Ҳадафи мо аз навиштани матлаб танҳо ин аст, ки камбудиҳои ҷойдошта ҳарчи зудтар рафъ шаванд ва ба фаъолияти табибоне, ки қасами Гипократро шикаста, манфиати худро аз манфиати ҷомеа боло мегузоранд, хотима дода шавад.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**



**Ба таваҷҷуҳи Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ДАРИ АДЛУ ИНСОФРО БА РӮЯМ КУШОЕД

**Қазияе, ки пайгириаш намудем, борҳо дар нашрияҳо, аз ҷумла ҳафтаномаи "Минбари халқ" дарҷ шудааст. Шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Саидов Умаралӣ, сокини кӯчаи Ҳаёти Нави шаҳри Душанбе зиёда аз 8 сол боз дар ҷустуҷӯи ҳақиқату адолат аст, аммо ҳеҷ не, ки онро дарёфт бикунад. Марде, ки барои баргардонидани манзили истиқоматии қонуниаш талош дорад, вале нокомӣ пайгираш гашта.**

**АСЛИ** қазия чунин аст: Расулова Наботой, шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо истиқоматкунандаи кӯчаи Афзалӣ, хонаи №93-и пойтахт Саидов Имомалӣ бо мақсадҳои ғаразнок ҳамзистиро ихтиёр мекунад. Тазаккур бояд дод, ки Саидов И. дар манзили бародари хеш-Саидов Умаралӣ зиндагонӣ мекард. Хонаи номбурдаро Саидов Умаралӣ соли 1992 аз шаҳрванди кишвар Анатолий Кузнетсов бо маблағи 250 ҳазор рубли русӣ харидорӣ карда, худ ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Русия рафта, онро муваққатан ба бародараш Саидов Имомалӣ додааст, то дар набудани ӯ муддате зиндагонӣ кунад. Расулова Н. бо Саидов И. тибқи маслиҳати пешакӣ ва ҳамдастии нотариуси корхонаи нотариалии ноҳияи Шоҳмансури ш. Душанбе Муҳаммадиев А. 26 июни соли 1994 ҳуҷҷатҳои қалбакӣ сохта, ин манзили истиқоматиро ба номи Саидов И. номнавис мекунанд, яъне тасарруфи амволи ғайр бо роҳи фиреб сурат гирифтааст. Соҳибмулки қонунӣ Саидов Умаралӣ, ки дар Русия қарор дошт, аз асли воқеа дертар хабардор шуда, таърихи 11 октябри соли 2006 тариқи факс оиди ғайриқонунӣ будани шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматиаш (ки гӯё дар асоси "вакалатномаи" соҳиби пешинаи ин хона А. Кузнетсов сурат гирифтааст) ба суди ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ариза ирсол мекунад. Вобаста ба ин ариза прокуратураи ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ташхис (экспертиза) мегузаронад. Корманди масъули Вазорати адлияи ҷумҳурӣ, хатшинос Ямакова дар натиҷаи ташхис муайян месозад, ки ҳуҷҷати манзил дар ҳақиқат қалбакӣ буда, Саидов И. ба ҷойи бародараш Саидов У, имзо гузоштааст. Сипас Саидов У. ба кишвар баргашта, баҳри ҷустуҷӯи адолат боз ба суди ноҳияи Шоҳмансур рӯ меорад. 29 июли соли 2008 суд нисбати қонунӣ будани даъвои ӯ оиди соҳибмулк будан ва бозгардонидани манзили истиқоматиаш ҳалнома содир мекунад. Ин асно бародараш Саидов И. аллакай дар қайди ҳаёт набуд ва дар манзили истиқоматии қонунӣ ба Саидов У. таалуқдошта, ҳамсари марҳум Расулова Н. зиндагӣ мекард. Аммо Расулова Н. аз мубориза баҳри хонаи муфт бадастомада даст накашида, аз болои қарори суди ноҳияи Шоҳмансур ба суди шаҳри Душанбе шикоят намуд, вале даъвои ӯ аз ҷониби ин мақомот беасос дониста шуд. Акнун чунин ба назар мерасид, ки ҳақ ба ҳақдор расидаву манзил ба соҳиби аслиаш бозгардонида шудааст. Лек ҳайҳот…

Расулова Наботой пас аз рад шудани аризааш аз ҷониби суди шаҳри Душанбе ба Суди Олии кишвар муроҷиат менамояд. Суди Олӣ "ба пешвози" ӯ баромада, ҳалномаҳои ду зинаи поёниро бекор мекунад. Ба ин нигоҳ накарда, Саидов.У. муборизаро барои бозпас гирифтани манзили қонуниаш идома медиҳад;

- Барои ман муаммо буд, ки бо кадом асосу далел ҳалномаҳои пешин бекор шудааст,-мегӯяд Саидов Умаралӣ, - ҳол он ки ташхис муайян сохта буд, ки шартномаи хариду фурӯши манзили истиқоматиам ва имзое, ки аз номи ман гузошта шудааст, қалбакӣ ҳастанд. Парванда боз ба зинаҳои поёнӣ равон карда шуд. 4 октябри соли 2013 ба суди ноҳияи Шоҳмансур бо аризаи даъвогӣ муроҷиат кардам. Судя Ҷамолиддин Азизов ҳалнома бароварда, маро соҳибмулк эълон намуд. 11 феврали соли 2014 суди ноҳияи Шоҳмансур боз ба манфиати ман ҳалнома содир кард. Аммо инро ба назар нагирифта Суди Олӣ боз кори маро ба суди шаҳри Душанбе равона сохт, ки судяҳо Қосимов, Раҷабов ва Асадуллоев ҳалномаро бекор намуданд. Охирин ҳалномаи судя Ваҳҳобҷонова оиди "гузаштани муҳлати даъво" тамоман ҳайратовар аст, чун ташхис ҳанӯз соли 2006 муайян сохта буд, ки ҳуҷҷати хона ва имзои ман қалбакӣ буданд ва ин далел барои суд басанда буда, бояд ҳамон вақт қазия ба фоидаи ман ҳал мегардид.

Бино бар гуфтаи У. Саидов, мавсуф Расулова Наботойро аз соли 1982 мешиносад. Он вақт бародари номбурда Расулов Раҷаб ҳамроҳи ӯ дар корхонаи хушкашӯйӣ (химчистка) кор мекардааст.Умаралӣ Саидов мегӯяд, ки Расулова аз аввал хабардор будааст, ки бародари ӯ Саидов И. зан ва 5 фарзанд дошт, вале ин садди роҳи ӯ нашуда, бо номбурда ҳамзистиро ихтиёр кардааст.

Саидов Умаралӣ иброз медорад, ки бародараш Саидов Имомалӣ ва ҳамзисташ Расулова Наботой баъдан изҳор карданд, ки гӯё хонаи дар суроғаи кӯчаи Костюшко-8 (ҳоло кӯчаи Муллоёри Ванҷӣ)-ро фурӯхта, пас ин хона дар кӯчаи Афзалӣ-93-ро қонунӣ харидорӣ намудаанд.

- Дар ин хона бародари ман ба сифати иҷоранишин ба сар мебурд,- мегӯяд Умаралӣ Саидов. Ӯ ҳамчунин гуфт, ки ҳангоми харидории хона аз шаҳрванд Кузнетсов ҳангоми ба расмият даровардани ақди хариду фурӯш ӯро ба ҳуҷраи идораи нотариалӣ даъват накарда, бародараш Саидов Имомалӣ, Расулова Наботой ва ҳамсояи бародараш - корманди идораи нотариалии ноҳияи Шоҳмансур Муҳаммадиев А. аз номи Кузнетсов ба Саидов У. танҳо ваколатномаро ба расмият медароранд.

Мавсуф меафзояд, ки Расулова Н. бо сабаби ғайриқонунӣ дониста шудани ақди никоҳаш бо бародари ӯ, дигарбора ҳақ надошт аз болои суди ноҳияи Шоҳмансур ба суди шаҳри Душанбе шикоят барад. Ин зан дигар ҳуқуқи даъвогар шуданро надошт-илова мекунад номбурда.

Умуман, дар ин қазия суолҳои матраҳношуда зиёданд. Чӣ гуна Расулова Наботой, шаҳрванди Ҷумҳурии Ӯзбекистон тавонистааст 1 декабри соли 2003 соҳиби шиносномаи шаҳрванди Тоҷикистон гардад, ҳол он ки тибқи қонунгузории кишвар шаҳрванди хориҷӣ бояд на кам аз 5 сол дар қайди Хадамоти муҳоҷират қарор дошта, бо дарназардошти риояи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тайи ин муддат ба ӯ иҷозатномаи муваққатии будубош дода мешавад. Расулова Н. соли 2003 аз шуъбаи шиносномадиҳии шуъбаи корҳои дохилии ноҳияи Шохмансур шиноснома гирифта, дар варақаи бақайдгирии он санаи қайдро соли 1994 дар суроғаи кӯчаи Афзалӣ-93 гузоштааст-манзиле, ки на ба ӯ ва на ба ҳамзисташ марҳум Саидов И. дахл надошта, чуноне, ки ташхис нишон додааст, бо сохтани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ онро аз худ намудаанд. Тибқи моддаи 323 Кодекси ҷиноятии ҶТ аз ҷониби шахси ваколатдор ин ҷинояти хизматӣ маҳсуб мегардад, чунки дидаву дониста ба ҳуҷҷати расмӣ маълумоти бардурӯғ ворид намудааст.

Сониян, номбурда Расулова Н. таърихи 13 декабри соли 2003 бо марҳум Саидов И. дар шуъбаи САҲШ-и н. Шоҳмансур ақди никоҳ мебанданд, ҳол он ки Саидов И. дар қайди никоҳ бо дигар зан буда, дигар ҳуқуқи бастани ақди никоҳро надошт. Ариза ба шуъбаи САҲШ 13 декабр ирсол шудааст, новобаста аз оне, ки тибқи Кодекси оилаи ҶТ барои бастани ақди никоҳ муҳлати 1 моҳ пешбинӣ карда шудааст. Хотиррасон менамоем, ки Расулова Н. шиносномаи шаҳрванди Тоҷикистонро санаи 1 декабри соли 2003 гирифтааст. Яъне, аз нигоҳи ҳуқуқӣ никоҳ қалбакӣ маҳсуб меёбад. Нисбати даъвои Саидов У. прокуратураи н. Шоҳмансур таҳти сарварии прокурор Каримов Умедҷон санҷиш гузаронида, судяи суди ноҳияи Шоҳмансур Ашӯров 1 июли соли 2014 ин ақди никоҳи ғайриқонуниро бекор намудааст, ки суди шаҳрӣ низ тасдиқ кардааст.

Баъдан, Расулова Н. 2 фарзандашро ба насаби марҳум Саидов И. номнавис намудааст, охирин фарзанди ӯ соли 2001 ба дунё омада, аммо ақди никоҳи онҳо соли 2003 ба расмият дароварда шудааст.

- Ман дар ҳайратам, ки чаро ашхоси ваколатдоре чун Муҳаммадиев А., корманди идораи нотариалии ноҳияи Шоҳмансур, кормандони шуъбаи шиносномадиҳии ноҳия, судяҳои суди ш.Душанбе ва дигароне, ки бояд ҳомии адлу инсоф бошанд, худ ба амалҳои ғайриқонунӣ даст мезананду ба ин кирдорашон ҷавобгар нестанд. Ман зиёда аз 8 сол барои бозгардонидани манзили қонуниам мубориза мебарам, аммо кӯшишҳоям бенатиҷа анҷом меёбанд. Чӣ гуна мақомоти судӣ хонаро ба соҳиби аслиаш барнагардонида, боз аз нав парвандаро қатъ месозанд, дар кадом асос? Чаро кор гоҳ ба манфиати ман ҳал мешаваду гоҳ зидди ман. Чаро далели қалбакӣ будани ҳуҷҷатҳои хона, ки аз ҷониби коршиносон собит шудааст, мавҷуд набудани розигии ҳамсари ман ҳангоми баррасӣ ба инобат гирифта намешаванд? Бахри ҷустуҷӯи адлу инсоф чандин дарро кӯбидам, вале заррае аз он дарнаёфтам. Пас чӣ кор кунам, ба доди ман кӣ мерасида бошад?! - хитоб мекунад Саидов Умаралӣ.

**Тазаккур бояд дод, ки ин мард дар Дастгоҳи КИМ ҲХДТ ва идораи нашрияи мо бо ранги заҳир, асабҳои хаставу авзои парешон чун меҳмони доимӣ шудааст. Мо аз мақомоти дахлдори кишвар пурсиданием, ки то кай қазияи ҷабрдида Умаралӣ Саидов ки солиёни тӯлонӣ ҳалли худро намеёбад, давом мекарда бошад?**

**Азамат ДӮСТОВ**

**Нишасти матбуотӣ**

**- Миёни Эрону Тоҷикистон то имрӯз зиёда аз 100 санади ҳамкорӣ баста шуда, ҳафтае 4 маротиба хатти парвоз дар амал аст, -изҳор намуд 9 феврали соли ҷорӣ дар нишасти матбуотӣ сафири Ҷумҳурии Исломии Эрон Ҳуҷҷатулло Фағонӣ. Сатҳи имрӯзаи муносиботи гуногунҷабҳа миёни кишварҳои мо қаноатбахш маҳсуб меёбад, аммо дар ин самт ҳанӯз зарфиятҳои фаровоне мавҷуд ҳастанд, ки интизори амалӣ шудан мебошанд.**

***Ҳуҷҷатулло Фағонӣ:***

## Эрону Тоҷикистон узви як бадананд



**ЗИКР** шуд, ки барои Эрон дар минтақаи Осиёи Марказӣ Тоҷикистон маҳбубияти хосеро дорост, ки аз муштаракоту пайвандҳои ногусастании таърихӣ ва пайдоиши ягонаи забониву нажодӣ маншаъ мегирад. Пиёда сохтани лоиҳаҳои бузурге чун сохтмони НБО-и "Сангтуда-2", нақби "Истиқлол" ва дигар иншоот баёнгари равобити мустаҳкам миёни кишварҳои мост.

Эрон омода аст боз чандин лоиҳаҳои бузургҳаҷми гуногунро дар соҳаҳои мухталиф дар Тоҷикистон роҳандозӣ намояд. Гардиши мол миёни ду кишвари ҳамзабону ҳамтаърих солона зиёда аз 320 миллион доллари ИМА-ро ташкил дода, он рӯ ба афзоиш аст. Ҳамкориҳо миёни Эрону Тоҷикистон дар соҳаҳои маорифу илм низ метавонанд судбахш бошанд. Ба наздикӣ ба Тоҷикистон гурӯҳи салоҳиятдори намояндагони соҳаи маорифу парвариши эронӣ ташриф меорад, ки мақсад аз ин сафар интихоб ва равона сохтани донишҷӯёни тоҷик ба макотиби олии Ҷумҳурии Исломии Эрон мебошад. Имрӯз соҳаи маорифу илм дар кишвар хеле рушд ёфтааст.

Эрони муосир дар самти рушди нанотехнология (технологияи муосиртарин) дар ҷаҳон ҷойи 7-умро ишғол намуда, ин раванд рӯ ба болоравист. Соли 2014 оид ба мавзӯи нанотехнология аз ҷониби мутахассисини эронӣ 25217 мақолаву маводҳои илмӣ ба нашр расидаанд, ки дар минтақа ҷойи 1-ум ва дар ақсои дунё ҷойи 15 мебошад.

- Камтар кишварҳое дар дунё мавҷуданд, ки тайи зиёда аз 30 сол зери фишори таҳримҳои гуногуни иқтисодиву сиёсӣ ва равонӣ қарор дошта бошанду айни замон дар ҳолати рушд ба сар баранд. Таҳримҳое,ки мақсадашон зайиф сохтани давлати Эрон буд, баръакс, ба рушду нумӯи соҳоти гуногуни кишвар ва муттаҳидии миллати мо алайҳи фишори душманони берунӣ кӯмак расонданд. Эрон дар минтақаву ҷаҳон сиёсати мустақилона дорад ва ҳаргиз фишору зӯровариро сари худ нахоҳад пазируфт. Мо хоҳони муодилоти баробарҳуқуқу судманд дар равобити минтақавию ҷаҳонӣ ҳастем,-гуфт сафир.

Оид ба ҳодисоти ахири минтақавӣ марбут ба давлати ба ном исломии Ироқ ва Шом гуфта шуд, ки имрӯз Сурияву Ироқ ба як "биҳишт"-и терроризму ифротгаройӣ табдил шудаанд. Кишвари Эрон дар мубориза алайҳи терроризм ҳамеша аз пешгомон буда, ҳеҷ гоҳ ба тантанаи ваҳшонияти террористӣ зери ниқоби диниву мазҳабӣ роҳ нахоҳад дод.

Эрон манфиатдор аст, ки дар минтақа амну субот ҳукмфармо бошад ва баҳри ин тамоми тавони хешро истифода хоҳад бурд; - Бубинед, ин "ҳомиёну муҳофизони" дини мубини Ислом на ба форсӣ, на арабӣ ҳарф намезананд, гуфторашон саросар аврупоист, яъне маълум мегардад, ки ин гурӯҳҳои инсонбадбин аз ҷониби қувваҳои сияҳкори манфиатдоре омода шудаанд, ки тамоми арзишҳои диниву умумибашарӣ ба онҳо бегона ҳастанд.

Нигоҳи мо дар ин қазия бо сойири кишварҳои олам, аз ҷумла, Тоҷикистони бародари мо ҳамоҳанг аст-мо қатъиян зидди ин зуҳурот буда, алайҳи он мубориза хоҳем бурд. Умуман, мо комилан ҷонибдори сиёсати дохиливу хориҷии Тоҷикистон ҳастем, чун дар диди масоили ҷаҳониву минтақавӣ нигоҳи воҳид дорем, қайд намуд Ҳ. Фағонӣ.

- Ман хушҳол аз онам, ки ин сол дар Тоҷикистон бузургдошти мутафаккири бузурги олами Ислом Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҷашн гирифта мешавад. Дар зодгоҳи бузургвор-шаҳри Ҳамадон низ соли бузургдошти ин шахсияти маъруф эълон шудааст,-гуфт дар охир Ҳуҷҷатулло Фағонӣ.

**А. ДӮСТОВ**

## Ин аҷиб аст

# Рухсатии маҷбурӣ дар Ҷопон

Дар Ҷопон алайҳи касони сахт ба меҳнат иштиёқдошта муқовимат эълом намудаанд. Ҳукуматдорон мехоҳанд қонуне қабул кунанд, ки тибқи он касони шабурӯз дар дафтари корӣ бандбудаоро барои рухсатии меҳнатӣ гирифтан уҳдадор намояд.

Бо ин роҳ онҳо чанд мушкилотро ҳаллу фасл менамоянд. Аввалин ҳадафи онҳо кам кардани марги бемаҳал бар асари заҳматзада шудан аст. Дувум, пайдо кардани вақти холӣ имконият медиҳад, ки танзими нуфуси аҳолӣ беҳтар шавад. Саввум, дар мавриди истироҳати бештар ба муассисаҳои вақтхушкунанда маблағ пардохт намуда, сохтори иқтисодии кишварро таъмин намоянд.

Айни замон ба ҳар як коргари Ҷопон ба ҳисоби миёна 18,5 рӯзи рухсатӣ рост меояд. Вале дар асл танҳо нисфи он истифода мешавад. Аз ҷумла соли 2014 ҳар коргари шашум аз рухсатӣ истифода накардааст. Қисман сабаб дар он, ки онҳо намехоҳанд ҳамкоронашон, ки бояд ба ҷойи онҳо меҳнат кунанд, ба заҳмати бештар мувоҷеҳ гарданд. Илова бар ин, қисме аз коргарон то бевақтии шаб дар дафтари кори худ мемонанд, зеро ки пеш аз сардор рафтанро ба худ раво намебинанд. Вале бадии кор дар он, ки ин ҳолат борҳо ба марги бемаҳал расондааст. Чунин намуди фоҷиа дар забони ҷопонӣ вожаи махсуси "karoshi" - ро ба вуҷуд овардааст. Маънии он "марг дар натиҷаи аз ҳад зиёд кор кардан" аст. Сабабгори асосии чунин реҳлат сактаи қалб ё хунравии рагҳои майнаи сар мебошад. Тибқи омори ҳукумати Ҷопон ҳар сол 200 адад марг ба ҳисоб гирифта мешавад. Ба ин ҳисоб, онҳое, ки дар натиҷаи коркӯфта шудан ба худкушӣ даст задаанд, ба ин ҳисоб дохил намешавад.

Як оқибати муҳими бағоят муҳими аз кори зиёд афсурда гаштан таъсир ба вазъияти нуфуси аҳолӣ мебошад. Аксари кордӯстҳо тамоми умри худро дар коргоҳ гузаронда, ҳатто мулоқот бо дӯстдоштаашонро низ дар дафтарҳои корӣ мегузаронанд ва чунин ҳолат имкон медиҳад, ки дар хусуси никоҳу ба вуҷуд овардани насли нав фикре накунанд. Ин ба кам шудани аҳолӣ оварда мерасонад ва дар навбати худ зарбае ба рушди иқтисод дар оянда мегардад. Тибқи омори расмӣ 22% ҷопониҳо дар як ҳафта беш аз 49 соат кор мекунанд, дар ИМА ин нишондиҳанда ба 16%, дар Олмон ба 11% баробар аст.



Дар миқдори рӯзи рухсатӣ фикрҳо гуногунанд. Иттифоқҳои касаба талабгори он аст, ки соле 8 рӯзи рухсатӣ гиранд, вале корфармоҳо бо 3 рӯз дар як сол қонеъ шудан мехоҳанд. Вале ақидае ҳаст, ки ин миқдори кам низ шояд иҷро нагардад. Зеро ки баъзе кормандон рухсатӣ гиранд ҳам, аз коргоҳ дил канда наметавонанд. Дар Management-issues.com. ба рӯзноманигорон яке аз кормандон чунин гуфтааст: хӯҷаини ман серкор аст, бинобар ин, рухсатӣ мегирад, ки бо шуъбаи кадрҳо дар муноқиша нашавад, вале баъди он ҳам пайваста ҷойи кораш меояд.

**Ҷумъа ҚУДДУС**

# Бозёфти чӯпони хитоӣ

**Сокини ноҳияи мухтори Синтсзян-уйғури Чин Берек Савут ҳангоми ба чаро бурдани пода дар ҳудуди назди марзи Муғулистон хӯлаи табиии тиллоро пайдо намуд, ки тамоман дар рӯйи хок меистод, дарозии он 23 см, бараш аз 8 то 18 см. Тибқи баҳои коршиносон, агар тозагии тиллои бозёфт 80% бошад, вай тақрибан 255 ҳазор доллар арзиш дорад.**

## Арзи сипос

# Муттакои дармондагон

*Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати таҳкиму тақвият бахшидани соҳаи тандурустӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад. Ин раванд барои баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии кормандони соҳаи тиб ва рушду вусъати самти хизматрасонии тиббӣ саҳми бориз мегузорад. Натиҷаи ин иқдомро метавон дар фаъолияти содиқонаи кормандони Маркази тиббии шаҳрии маҳаллаи 1- Совет мушоҳида намуд.*

**МАН, Гулова Барно, сокини ноҳияи Синои шаҳри Душанбе чанд сол аз бемории фишорбаландии шарён азият мекашидам. Вақтҳои охир дард шиддат гирифт. Ҳисси ноумедӣ нисбат ба фардои зиндагӣ сабабгори хурӯҷи бемориам мегардид.**

**Маслиҳати ҳамсояам сабаб шуду ба Маркази тиббии шаҳрии маҳаллаи 1- Совет рафтам. Пас аз ташхис дар қабулгоҳи МТШ бо тавсияи духтурон, маро дар шуъбаи бемориҳои дарунӣ бистарӣ намуданд.**

**Масъулияти табобати маро мудири шуъба, дилшинос, номзади илмҳои тиб Шедфар Самадов ба уҳда гирифт. Ин табиби чашмикордон, ки узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аст, новобаста аз ҷавониаш нозукиҳои пешаи худро хуб омӯхтааст.**

**Бояд бигӯям, ки кормандони шуъбаи бемориҳои дарунии ин беморхона, аз ҳамшираи шафқат то мудири шуъба, ҳама ҳалиму меҳрубон ва ниҳоят хушмуомила мебошанд. Аз ҳама муҳим Маркази тиббии шаҳрии маҳаллаи 1- Совет бо таҷҳизоти навъи навтарини ташхисиву табобатӣ муҷаҳҳаз аст.**

**Азбаски аксари ҳамшираҳои шафқат ва духтурони шуъбаи бемориҳои дарунии Маркази тиббии шаҳрӣ аъзои Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мебошанд, инҷониб мехоҳам тавассути ҳафтаномаи "Минбари халқ" арзи сипоси худро баён намоям:-Фардои зебо насибатон ва вуҷудатон дур аз офату газанд бошад, ворисони арзандаи Сино!**

*Бо эҳтиром*
*Барно ГУЛОВА,*
*сокини маҳаллаи*
*Ҳаёти нави*
*шаҳри Душанбе*




**Ҷавоби «СКАНВОРД»-и шумораи 4 феврали соли 2015, №6 (985)**

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Р | ■ | ■ | Ш | О | Ҳ | А | М | Б | А | Р | И | ■ | А | Э | Р | О | Б | У | С |
| А | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | О | ■ | ■ | Б | ■ | ■ | Т | ■ | ■ | И | ■ | Е |
| Н | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | П | И | Р | А | Н | Я | ■ | О | М | О | С | ■ | Й |
| Ҷ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Н | ■ | К | ■ | Р | ■ | ■ | О | ■ | Т | А | Л |
| Д | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | Ю | Г | О | С | Л | А | В | И | Я | ■ | А | ■ | О |
| И | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | ■ | С | ■ | Ҳ | ■ | Е | ■ | А | ■ | ■ | У | Р | У | Н |
| Д | А | К | К | А | ■ | ■ | У | Л | А | М | О | ■ | Х | А | В | Ф | ■ | ■ | ■ |
| А | ■ | Л | ■ | Г | О | Л | Ф | ■ | Н | ■ | Н | Е | Ш | ■ | ■ | А | З | О | Н |
| ■ | ■ | У | ■ | А | ■ | О | ■ | ■ | Г | О | А | ■ | ■ | Ч | ■ | ■ | ■ | ■ | О |
| С | У | Б | У | Т | ■ | Ш | О | Т | А | ■ | Р | А | Ҳ | О | ■ | ■ | ■ | ■ | З |
| О | ■ | ■ | К | ■ | Л | ■ | И | ■ | Р | ■ | Д | ■ | ■ | Й | ■ | ■ | ■ | ■ | И |
| К | А | Д | Р | ■ | О | М | М | А | ■ | З | О | М | И | Н | ■ | ■ | ■ | ■ | Р |
| И | ■ | ■ | О | Р | И | ■ | ■ | В | ■ | О | ■ | О | ■ | И | ■ | ■ | ■ | ■ | О |
| Т | Р | А | П | ■ | Н | А | Ҷ | Ҷ | О | Р | ■ | Ҳ | О | К | И | М | И | Я | Т |

Дар бораи ҳамкасб

*Пас аз ҳодисаҳои нангини солҳои навадуми асри гузашта на танҳо соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, балки соҳаи матбуоти кишвар низ дучори буҳрон гардид. Мардуми дар фикри дарёфти як бурда нон саргардон ва дар натиҷаи ноороміҳо хотирпарешон чанд сол рӯзномахониро фаромӯш карда буданд.*



# Ӯ МАРДУМРО БА МАТБУОТ ДИЛГАРМ КАРД

**АХЁНАН** рӯзномаҳои расмӣ ба табъ мерасиданд, вале танҳо ба баъзе мақомоти давлатӣ дастрас буданд. Дар чунин айёми дуршавии ҷомеа аз матбуот 18 ноябри соли 1994 рӯзноманигори ҷавон Акбари Саттор бо роҳи таваккал кардан ҳафтаномаи "Дайджест-Пресс"-ро таъсис дод. Дар он аз рӯзномаву маҷаллаҳои Русияву Қазоқистон мақолаҳои ҷолиби сиёсӣ, иқтисодӣ, тиббӣ, варзишӣ ва маслиҳатҳои муфидро гулчин карда ҷой медод. Дар як муддати кӯтоҳ ҳафтанома ҳаводорони зиёд пайдо кард. Акбари Сатор соле баъд, аниқтараш моҳи апрели соли 1996 шумораи нахустини ҳафтаномаи "Чархи гардун"-ро аз чоп баровард. Муҳтавои ҳафтанома асосан ахбори фарҳангӣ, мусоҳиба бо аҳли адабу ҳунар, тарғиби ахлоқи ҳамида, қиссаҳо оид ба пастию баландиҳои зиндагӣ, навгониҳои илму варзишро дар бар мегирифт. Мардум кам-кам ба матбуот рӯ оварданд. Мазмуну мундариҷаи ҳафтанома ба ашхоси аз оянда навмедгашта дилгармӣ ва умед ба фардоро мебахшид. Номаҳои зиёде, ки ба идораи рӯзнома меомад, гувоҳи ба дили хонандагони сершумор роҳ ёфтани матолиби он буд. Акбари Саттор чун гавҳаршинос рӯзноманигорони боистеъдод мисли Сайёфи Мизроб, Нӯъмон Низомӣ, Мақсуд Ҳусайн, ҳунарпеша Ортиқи Қодир, Ҳабибулло Ёров, Равшани Махсумзод, Боймурод Шарифзода ва дигаронро дар коллективи аҳлу тифоқи ҳафтаномаи "Чархи гардун" ҷамъ овард. Камина низ аз соли 1996 то соли 2007 дар ин ҳафтанома фаъолият доштам. Аксар кормандони собиқи "Чархи гардун" баъдан дар рӯзномаю маҷаллаҳои гуногун сардабир шуданд. Яъне, Акбари Саттор чун рӯзноманигори хушсалиқа ва роҳбари мушфиқ дар ҳафтаномаҳои таъсисдодааш ("Чархи гардун", "Дайджест-Пресс", "Вечерний Душанбе", "Авицена", "Аладдин") мактаби бузурги эҷодиро фароҳам овард. Бисёр рӯзноманигорони бекорро ӯ бо ҷои кор таъмин кард. Ҳар ҳафта аз ҳисоби фурӯши рӯзномаҳо нафарони зиёде, бо шумули ашхоси калонсол фоида ба даст оварда, рӯзгорашонро пеш мебурданд. Садҳо донишҷӯёну рӯзноманигорони ҷавон дар ин нашриёҳо алифбои рӯзноманигориро омӯхта, малакаи худро такмил додаанд.

Акбари Саттор пас аз хатми факултаи журналистикаи Донишгоҳи давлатии шаҳри Ленинград (ҳоло Санкт-Петербург) соли 1990 фаъолияти худро чун хабарнигори махсуси рӯзномаи "Тоҷикистони Шӯравӣ" оғоз кардааст. Аз моҳи ноябри соли 1990 то моҳи ноябри соли 1994 аввал ба ҳайси мухбир, сипас ҳамчун мудири шуъбаи сиёсат, ҳаёти байналмилалӣ ва ҳуқуқи рӯзномаи "Садои мардум" фаъолият намуд.

Истеъдоду қобилияти Акбари Сатторро ҳамкасбон ба инобат гирифта, моҳи июли соли 2006 дар Анҷумани ғайринавбатии ИЖТ ӯро раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон интихоб карданд. Акбари Саттор тавонист, ки иттифоқи муфлису дар арафаи порокандашавӣ қарордоштаро ба по рост кунад. Аз ин рӯ моҳи октябри соли 2011 бори дигар ҳамкасбон ӯро ба ин вазифа интихоб намуданд.

Директори генералии ҶДММ "Чархи гардун" Акбари Саттор илова ба раиси ИЖТ буданаш як қатор масъулиятҳои ҷамъиятии дигарро низ ба уҳда дорад. Ӯ аъзои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шӯрои миллии муқовимат зидди коррупсияи ҷумҳурӣ, аъзои ҳайати Шӯрои илмию таҳририи Энсиклопедияи миллии тоҷик, аъзои Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аъзои Шӯрои коршиносони назди ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассиси Шӯрои ВАО ҷумҳурӣ ва ғайра мебошад.

Хизматҳои арзандаи рӯзноманигори варзида, роҳбари мушфиқу ғамхор Акбари Сатторро ба инобат гирифта, Ҳукумати ҷумҳурӣ ӯро бо медали "20-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон" сарфароз гардонид. Заҳмати ӯ ҳамчунин бо унвонҳои Аълочии фарҳанги ҷумҳурӣ, Аълочии матбуоти ҷумҳурӣ ва Аълочии тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қадр шудааст. Мо ба ин рӯзноманигори хушсалиқа, инсони дарёдилу хоксор ва дӯсти беғаразу самимӣ пеш аз ҳама тандурустӣ, умри дарозу бобаракат, саодатмандӣ ва дар корҳои эҷодияш барору комёбиҳо хоҳонем.

**С. САЙФИДДИН**

# ЭЪЛОН

## Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон байни хонандагони мактаб, донишҷӯён ва журналистон таҳти унвони «Ояндаро бо ҳам месозем», дар се бахш (номинатсия) озмун эълон мекунад:

**1.** Расми беҳтарин (байни хонандагони мактабҳо)
**2.** Иншои беҳтарин (байни донишҷӯён)
**3.** Лавҳа (ролик)-и беҳтарини радиёӣ, телевизионӣ, интернетӣ (байни журналистон ва донишҷӯён).

**ШАРТҲОИ ОЗМУН:**

Дар озмун расмҳои ба тозагӣ эҷодшуда, иншо дар ҳаҷми 2-3 саҳифаи компютерӣ бо ҳуруфи Times New Roman Tj, андозаи 14, лавҳа (ролик)-ҳои эҷодкорон, рӯзноманигорони расонаҳои электронӣ, донишҷӯёни факултаҳои журналистӣ, ки фарогири масоили вобаста ба пешравии кишвар дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мебошанд, қабул карда мешаванд. Маводҳои пешниҳодшуда бояд ба мавзӯи озмун иртиботи бевосита дошта бошанд.

Муҳлати пешниҳоди маводҳо ба озмун то 23 феврали соли 2015.

Ғолибони озмунро туҳфаҳои арзишманд, аз қабили ноутбук, планшет, телефонҳои мобилӣ, дастгоҳи аксбардорӣ ва ғайра интизоранд.

Тафсилоти бештарро метавонед аз сомонаи **www.tribun.tj, info@sozandagon.tj** ва шабакаҳои иҷтимоӣ пайдо кунед.

**ТЕЛЕФОН БАРОИ ТАМОС: 2244930**

## АЗ СОМОНАҲОИ РАСМИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ИСТИФОДА БАРЕД!

Ҳамватанони азиз! Шумо метавонед дар реҷаи мустақим (on-line) 24 соат ба рақами **224-49-31**, почтаи электронии **tribun.tj@mail.ru** бо мо дар тамос бошед, ё ба сомонаҳои расмии ҳизбӣ **www.tribun.tj, www.hhdtkhatlon.tj, www.hhdt-sughd.tl, www.hhdtushande.tj** ворид шуда, мубодилаи иттилоъ намоед.

**Суроғаи мо: кӯчаи Рӯдакӣ 107, "Кохи Ваҳдат".**




## Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон - эътимодбахши ояндаи ободу осудаи Шумо!

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

Дафтарчаи ҳавлигии шаҳрванд Исмоилов Нурилло, истиҳоматкунандаи ноҳияи Рӯдакӣ, шаҳраки Сомониён, кӯчаи Бустон 39 хонаи 1, бинобар сабаби гум шуданаш эътибор надорад.

**Маъмурият ва аҳли кормандони Маркази тиббии шаҳрӣ ба номи Карим Ахмедов ба табиби шуъбаи ташхис Исматуллоева Наргиз Нарзуллоевна бинобар даргузашти нобаҳангоми**
**ПАДАРАШ**
**Исматуллоев Нарзулло Раҳматуллоевич изҳори ҳамдардӣ намуда, ба наздикон ва пайвандони марҳум аз даргоҳи Илоҳӣ сабри ҷамил хоҳонанд.**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН
МИНБАРИ ХАЛҚ
www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

БАРОИ МАЪЛУМОТ:
Дастгоҳи КИМ ҲХДТ - *тел: 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. факс: 224-27-59*
Идораи рӯзнома *тел. 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, факс: 227-44-94*
www.tribun.tj E-mail: minbarihalk@bk.ru

Муовини сармуҳаррир оид ба тиҷорат: Хусрав Дӯстов
ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:
Котиби масъул: Маъруфҷон Маҳмудов
Муҳаррири масъул: Алиҷон Ҷӯраев
Хабарнигорон: Ҷумъа Қуддус, Толиби Луқмон, Ибодуллоҳи Тоҳир, Азамат Дӯстов
Масъули чоп: Мирзоалӣ Юнусов
Ҳуруфчинон: Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
Мусаҳҳеҳ: Сабоҳат Худоёрбекова,
Суратгир: Тӯхтамурод Рӯзиев
Саҳифабанд: Фирдавс Таушаров

нишонии мо:
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Индекси обуна: 68910*
Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».
Теъдоди нашр: 49234 нусха

